ТРАМП БА ВАЪДА ВАФО МЕКУНАД? с. 4
ДАСТОВАРДИ ҶАҲОНИИ ОЛИМИ ТОҶИК с. 6
“УҚОБИ ТОҶИК” БА МАЙДОН МЕБАРОЯД с. 15



ТОҶИКИСТОН

№46 (1609), 13.11.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ

## Таҳқир, интизорӣ ва роҳҳои ҳалли он






ДАР ИН ШУМОРА:

**АЗ РИЁЗ ТО БОКУ**
Вазъи Ховари Миёна ва “иқтисоди сабз” с.3

**БА ШИРКАТҲОИ РУСӢ**
Ба мусофирон хӯроки гарм диҳед! с.5

**ТАКСИҲОИ ПОЙТАХТ**
Ҷилави онҳоро кӣ мекашад? с.5

**ХОҶА ОБИГАРМ**
Ранг бину ҳол пурс! с.10

**ОСИЁИ МАРКАЗӢ**
Туркистон не, Варорӯд! с.13

**ҲУҚУҚ**
8 сол барои латукӯби ҳамсар с.11

**КАНЗИ ШИФО**
Шулукдармонӣ ба кӣ тавсия мешавад? с.12

**ВАРЗИШ**
Мубориза барои зинаҳои дуюму сеюм идома дорад с.15

# БОР 158 ЛОИҲАРО ДАР ТОҶИКИСТОН МАБЛАҒГУЗОРӢ КАРД

**Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон зимни мулоқот бо президенти Бонки Осиёии Рушд Масатсугу Асагава таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди Тоҷикистон ва дарёфти роҳҳои коҳиш додани онро баррасӣ карданд.**

Мулоқоти ҷонибҳо дар ҳошияи саммити Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим сурат гирифт.

Сарвари давлат иброз дошт, ки тайи 26 соли ҳамкорӣ бонк 158 лоиҳаи барои Тоҷикистон муҳимро дар самти инфрасохтори энергетикӣ ва соҳаҳои нақлиёт, кишоварзӣ, обёрӣ, молия ва маориф маблағгузорӣ кардааст. Тарафҳо зимни мулоқот қайд карданд, ки барои тобовар намудани иқтисодиёт ба хавфу таҳдидҳои ҷаҳони имрӯза пеш аз ҳама ҷалби сармояи бештар ва идомаи ислоҳоти иқтисодӣ зарур аст.

“Таъкид гардид, ки ҷудо намудани маблағҳои грантӣ аз ҷониби шариконӣ рушд барои дастгирии раванди ислоҳот, буҷети давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки Тоҷикистон ба манфиати кор хоҳад буд. Ҳамчунин, зимни мулоқот тарафҳо масоили густариши ҳамкорӣ барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла саноату кишоварзӣ ва соҳаи гидроэнергетикаро баррасӣ намуданд.

# КУМАКИ РОЙГОН БАРОИ ТОҶИКОНИ РУСИЯ

**Барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия рақами ягонаи машваратӣ роҳандозӣ шуд.**

Тариқи ин рақам шаҳрвандон метавонанд кумаки ройгони ҳуқуқӣ гиранд. Шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла муҳоҷирон ва донишҷӯён метавонанд ба рақамҳои +7 (965) 320 55 02 занг зананд ва вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонуншиканиҳои маъмурӣ ва қоидаҳои будубош дар Русия машварат гиранд. Ин хизматрасонии нав дар Шӯрои ҷамъиятии назди Сафорати Тоҷикистон дар Русия ташкил шудааст. Бо мақсади беҳтар намудани дастгирии шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳалли мушкилоти ҳуқуқии онҳо ҳамарӯза рақами телефони ягона барои машварат фаъол аст. Машваратҳо аз ҷониби ҳуқуқшиносони соҳибтаҷриба дода шуда, ба ҳар як занг гурӯҳи иборат аз панҷ мутахассис посух медиҳанд.

# BVMW БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

**Дар Тоҷикистон намояндагии Ассотсиатсияи тиҷорати хурду миёнаи Олмон «BVMW» ифтитоҳ мешавад. Ин масъала дар мулоқоти роҳбарияти Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи тиҷорати хурду миёнаи Олмон «BVMW» матраҳ шуд.**

“Намояндагони ҳарду ҷониб қайд намуданд, ки барои ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои содирот ва воридот, инчунин рушди сармоягузорӣ ва ташаббусҳои тиҷоратии байниҳамдигарӣ имкониятҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бояд истифода шаванд”,- иттилоъ доданд аз Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ба Pressa.tj.

Ҷонибҳо ҳамчунин дар бораи сафари ҳайати Ассотсиатсияи тиҷорати хурду миёнаи Олмон «BVMW» ба Тоҷикистон дар моҳи майи соли 2025 ба мувофиқа расиданд. Дар доираи ин сафар ифтитоҳи намояндагии Ассотсиатсияи тиҷорати хурду миёнаи Олмон «BVMW» дар Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст.



# ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РАҚС ДАР ДУШАНБЕ

**Аз 10 то 14-уми ноябр дар шаҳри Душанбе фестивали байналмилалии «Рақс моро муттаҳид мекунад» баргузор шуд.**

Имсол дар фестивал коллективҳои рақсӣ аз Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Молдова ва Русия иштирок карданд. Масъулини Вазорати фарҳанг гуфтанд, ки фестивал имконияти беназири табодули таҷрибаи фарҳангӣ ва таҳкими робитаҳои эҷодии байни кишварҳоро фароҳам меорад.

Инчунин, фестивал ба рушди санъати рақс ва таҳкими ҳамкории фарҳангӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо равона шудааст.

## САРИ САБЗ



**Сайфулло САФАРОВ, собиқ муовини аввали директори МТС**

**- Ман фол намебинам, вале гуфта метавонам, ки агар Трамп ба ҷангҳои ҷаҳонӣ хотима бахшад, номаш дар таърих сабт мешавад, ки аз ҷанги сеюми ҷаҳонӣ дунёро наҷот дод. Агар ҷои Трамп мешудам, роҳҳояшро мегуфтам, вале ба ҷои ӯ нестам.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, фол дидан шарт нест. Трамп ҳам ҳеҷ гоҳ шуморо ба ҷойи худ роҳ намедиҳад. Аммо, ҳамчун як нафари сулҳдӯст, роҳҳои медонистаатонро мегуфтед, хеле хуб мешуд.*



**Далер НАЗАРОВ, овозхон ва оҳангсози тоҷик**

**- Агар бо коргардон дӯст нашавам ё ба ҳунарпеша дил набандам, ҳеҷ мусиқие нахоҳад буд... Агар ҳайкалтарош аз ҳайкалаш ва коргардон аз филмаш маҳрум шавад, пас бартарии композитор дар он аст, ки мусиқии ӯ ҳамеша бо ӯ мемонад.**

*- Ииии, ҳеҷ натавонистем ба ин гуфтаатон сарфаҳм равем. Гуфтанием, ки маҳсули заҳмати композитор барои худаш аст? Пас, ҳайкалтарошу коргардонҳо ҳам барои худашон эҷод кунанд?*



**Отахон САИДЗОДА, ҳунарманди театру синамо**

**- Барои як намоишро омода кардан чор-панҷ моҳ кор бояд кард. Дар филм бошад, кор нисбатан осонтар аст, зеро агар хатое содир шавад, албатта, аз нав ба навор мегирӣ, аммо дар театр хато кардан нобахшиданист, зеро дар назди тамошобин зинда ҳунарнамоӣ мекунӣ.**

*- Ана маълум шуд, ки барои чӣ бисёр нафарон майл ба синамо мекардаанд. Аммо, дар асл, аз филмҳое, ки мебинем, намоишҳои театриямон сифатан беҳтару ҷолибу касбитаранд.*


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# АЗ РИЁЗ ТО БОКУ

## Вазъи Ховари Миёна ва дурнамои “иқтисоди сабз” дар суҳбати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳафтаи равон Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Арабистони Саудӣ ва Озарбойҷон дар ду ҳамоиши сатҳи баланд ширкат намуд. 11-уми ноябр Эмомалӣ Раҳмон дар Риёз дар Ҳамоиши муштараки ғайринавбатии арабию исломӣ ва 12-уми нобяр дар Боку дар кори Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP29) иштирок ва суханронӣ намуд.**




### НИГАРОНӢ АЗ ВАЗЪИ ХОВАРИ МИЁНА

11-уми ноябр Президенти Тоҷикистон дар шаҳри Риёзи Подшоҳии Арабистони Саудӣ дар Ҳамоиши муштараки ғайринавбатии арабию исломӣ иштирок ва суханронӣ намуд.

Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ва минтақа даъват намуд, ки бо мақсади пешгирӣ аз як ҷанги доманадор дар минтақаи Ховари Миёна дар рӯҳияи ҳамбастагӣ ва ҳусни эътимоду созандагӣ иқдомҳои бештар муассир андешанд.

“Мо бори дигар аз тарафҳои даргир даъват менамоем, ки ҳамаи ихтилофотро танҳо аз роҳҳои гуфтушунид ва тавассути абзорҳои дипломатӣ бо истинод ба усулу меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус Оинномаи Созмони Милал ҳал намоянд”,- гуфт ӯ.

Сарвари давлати Тоҷикистон аз тақвияти нақши ҳамоҳангсози СММ ва ҳар гуна талошҳои дигари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории исломӣ барои ба эътидол овардани вазъ дар минтақа ҷонибдорӣ намуд.

Зикр шуд, ки ҳалли воқеии қазияи Фаластин ва таъмини сулҳи одилонаву пойдор дар минтақа танҳо тавассути иҷрои қатъномаҳои СММ оид ба ташкили Давлати мустақилу соҳибихтиёри Фаластин имконпазир мебошад.

“Тоҷикистон аз таъсиси Давлати Фаластин бо пойтахти он дар Байтулмуқаддаси Шарқӣ дар марзҳои соли 1967 ҷонибдорӣ мекунад”,- иброз дошт роҳбари давлати Тоҷикистон.

Ба ақидаи президенти Тоҷикистон, ин роҳест, ки тавассути он мардуми Фаластин метавонанд ҳақи аслии миллии худро ҳамчун субъекти мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси усулҳои эътирофшудаи муносибатҳои байнидавлатӣ амалӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз пешниҳоди Тоҷикистон дар ҷаласаи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ оид ба қабули қатъномаи махсус дар бораи эълон кардани “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда”, ки дорои ҳадафи сулҳофарӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо дар ҷаҳон мебошад, ёдовар шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон изҳори бовар намуд, ки натиҷаҳои ҳамоиши мазкур ба раванди мусбати ҳалли қазияи Фаластин мусоидат хоҳад кард.

### ХАТСАЙР БО АРАБИСТОНИ САУДӢ

10-уми ноябр дар шаҳри Риёзи Арабистони Саудӣ Эмомалӣ Раҳмон бо вазири сармоягузории ин кишвар Холид Ал-Фолиҳ мулоқот намуд.

Дар ин бора дафтари матбуоти раисҷумҳури Тоҷикистон иттилоъ дода, навиштааст, ки тавсеаи робитаҳо дар соҳаи тиҷорату иқтисод, густариши ҳамкории сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангӣ аз муҳимтарин масоиле буд, ки зимни ин мулоқот баррасӣ гардид.

Роҳандозии хатсайри мустақим дар масири Душанбе-Ҷидда-Душанбе аз моҳи марти соли 2023 натиҷаи хуб барои густариши робитаҳои судбахш арзёбӣ гардид. Изҳори умед карда шуд, ки хатсайри мустақим дар масири Душанбе-Риёз-Душанбе низ роҳандозӣ шуда, дар ин замина сафари сайёҳони саудӣ ба Тоҷикистон афзоиш хоҳад ёфт.

### КИШВАРИ САБЗ

12-уми ноябр Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кори Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP29) дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон иштирок кард.

Кори конфронси мазкур бо ҳузури сарони 80 давлат, Дабири кулли СММ, роҳбарони ҳукуматҳо ва ҳайатҳои даҳҳо ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ баргузор шуд.

Тавре хадамоти матбуоти Сарвари давлат хабар медиҳад, Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар конфронс изҳор намуд, ки Тоҷикистон ният дорад то соли 2032 истеҳсоли энергияро дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои таҷдидшаванда ба роҳ монад.

“Имрӯз алакай 98 фоизи барқи мо аз ҳисоби энергияи обӣ истеҳсол шуда, ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ночиз мебошад ва аз рӯйи ин нишондод мо дар ҷаҳон дар ҷойи 130-ум қарор дорем”,- гуфт ӯ.

Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба қабули Стратегияи рушди “иқтисоди сабз” аз ҷониби Тоҷикистон андешаронӣ намуда, иброз дошт, ки “мо ният дорем то соли 2037 Тоҷикистонро ба кишвари “сабз” табдил диҳем”.

Ӯ ҳамчунин диққати роҳбарони кишварҳо ва коршиносонро ба мавзӯи пайвастагии зичи обу иқлим ҷалб сохта, пешниҳод намуд, ки ба масъалаи обшавии босуръати пиряхҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Зикр гардид, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари осебпазир аз ин раванд ба узви Панели сатҳи баланд оид ба обу иқлим, барои эълони “Соли ҳифзи пиряхҳо” ташаббус намуд, ки бо ҷонибдории ҷомеаи ҷаҳонӣ дар Маҷмаи Умумии Созмони Милал қабул гардид.

“Дар ин замина, инчунин, “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо” муайян гардида, дар назди СММ Хазинаи мақсадноки ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шуд,- иброз дошт ӯ.- Мо, ҳамчун ҳаммуаллифи ин қатънома, ҳиссаи худро дар ин Хазина гузоштем ва аз ҳамаи шариконамон низ даъват менамоем, ки аз ин иқдом пайравӣ кунанд”.

Таъкид гардид, ки дар асоси қатъномаи мазкур бо мақсади баррасии ҳамаҷониба ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти обшавии пиряхҳо, моҳи майи соли 2025 дар Душанбе гузаронидани Конфронси байналмилалии сатҳи баланд ба нақша гирифта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин дар идомаи пешбурди рӯзномаи ҳифзи пиряхҳо аз ҷонибдории пешниҳоди якҷои Тоҷикистону Фаронса оид ба эълони солҳои 2025-2034 ҳамчун “Даҳсолаи амал барои дастгирии илмҳои яхшиносӣ” ва қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милал дар ин хусус ёдовар шуд.

Дар фароварди сухан президенти Тоҷикистон бо назардошти аҳамияти хосаи масъалаҳои зикршуда ва бо мақсади омӯзиши дақиқи таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои минтақа, пешниҳод намуд, ки бо сарпарастии Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ ва дар ҳамкорӣ бо дигар шарикони рушд дар шаҳри Душанбе Маркази ҳамоҳангсозии минтақавӣ оид ба яхшиносӣ таъсис дода шавад.

### ҲАМКОРӢ БО “АЛ-АЗҲАР”

12-уми ноябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Боку дар ҳошияи COP29 бо имоми акбари муассисаи “Ал-Азҳар”-и Миср доктор Аҳмад Ат-Тайиб мулоқот намуд.

Зикр гардид, ки айни замон дар бахшҳои гуногуни муассисаи таълимии “Ал-Азҳар” зиёда аз 200 шаҳрванди Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Сарвари давлати мо дар ин робита аҳамияти танзими таҳсили донишҷӯёни тоҷикро дар асоси қонунгузории ду кишвари дӯсту бародар таъкид кард.

Изҳори умед карда шуд, ки ҳамкории илмиву таҳқиқотии муассисаҳои таълимии илмии Тоҷикистон ва муассисаи “Ал-Азҳар” густариш хоҳад ёфт. Пешниҳод шуд, ки кормандони соҳаи дини Тоҷикистон барои табодули илмию амалӣ ва омӯзиши афкори таҳаммулпазирӣ ба давраҳои таълимии муассисаи Азҳар ҷалб карда шаванд.

### ҲАМЧУНИН…

Дар идома Президенти Тоҷикистон бо Президенти Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Масатсугу Асагава мулоқот намуданд. Ҷонибҳо ҳамкориҳо дар самти инфрасохтори энергетикӣ ва соҳаҳои нақлиёт, кишоварзӣ, обёрӣ, молия ва маорифро баррасӣ карданд.

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон дар шаҳри Боку аз Павилиони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид намуд. Павилиони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи Конфронс бо мақсади муаррифии ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои об ва дар ин замина барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба осебпазирии кишвари мо ва ташвиқи сармоягузорон ба тақвияти ҳамкории муассиру босамар омода гаштааст.



REUTERS

**Дар Австралия лоиҳаи қонуне таҳия шудааст, ки дастраси наврасони то 16-соларо ба шабакаҳои иҷтимоӣ манъ мекунад. Энтони Албанез, сарвазири ин кишвар мегӯяд, ки ҳукумат тарҳи қонунро то охири соли оянда ба парлумон пешниҳод мекунад.**

Албанез дар нишасти хабарӣ гуфтааст, ки аз ҳад зиёд истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоӣ барои кӯдакон ва наврасон зарар дорад. Дар сурати қабули ин қонун, истифодаи шабакаҳои иҷтимоии Instagram, Facebook, X ва TikTok барои наврасони то 16-сола дар Австралия манъ мешавад.



Радиои Озодӣ

**Мақомоти Косово дар ҷанубу шарқи Аврупо Ситора Атомамадова ном зани 52-солаи зодаи Тоҷикистонро бо иттиҳоми ҷосусӣ ба фоидаи Русия боздошт кардаанд.**

Гуфта мешавад, ӯ замоне боздошт шудааст, ки барои дароз кардани ҳақи иқомат дар Косово ба Ҳадамоти муҳоҷират муроҷиат кардааст. Мақомот ҳузури ӯро "таҳдид ба амнияти миллӣ" номидаанд ва эҳтимолан аз ин кишвар ихроҷ шавад. Гуфта мешавад, ки Атомамадова 15-20 соли охир дар Косово зиндагӣ дошт.



ВЛАСТЬ

**То моҳи апрели соли 2025 ба Қазоқистон 11 млрд метри мукааб об аз Сирдарё дода мешавад. vlast.kz бо истинод ба Вазорати захираҳои об ва обёрии Қазоқистон менависад, ки чунин қарор зимни ҷаласа дар Ашқобод қабул шудааст.**

Вазири захираҳои об ва обёрӣ Нуржан Нуржигитов бо намояндагони Тоҷикистону Туркманистон ва Ӯзбекистон дидору гуфтушунид намуда, Қирғизистон ба сифати нозир иштирок кардааст. Тибқи нақша, то 1-уми апрел ба обанбори Шардара ҳаҷми зарурии об ворид мешавад, ки ба таъмини минтақаҳои ҷанубии Қазоқистон бо об барои мавсими обёрии соли 2025 имкон медиҳад.

# ТРАМП БА ВАЪДАҲОЯШ ВАФО МЕКУНАД?




**Дар интихоботи президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико намояндаи Ҳизби ҷумҳурихоҳон Доналд Трамп ғолиб омад ва президенти 47-уми ин кишвар интихоб шуд. Трампи 78-сола бо ваъдаҳои бузург вориди корзори интихобот шуд ва баъди ғалаба гуфт, ки Амрикоро "боз бузург, пурзӯр ва бехатар ва сокинонашро хушбахт месозад". Вале ваъдаи асосии ӯ, ки натанҳо сокинони ИМА, балки ҷомеаи ҷаҳонро умед бахшидааст, хотимаи ҷангҳо аст.**

## ТРАМП АМРИКОРО ДУБОРА КАБИР ХОҲАД КАРД?

"Бо дастгирии шумо мо қудрат, ҳукмронӣ, шукуфоӣ ва ғурури давлатамонро бармегардонем",- гуфт Трамп ду ҳафта пеш аз интихобот.

"Барои Амрико ин асри нави тиллоӣ хоҳад шуд",- ваъда дод ӯ дар суханрониаш. Ҷонибдорони Трамп ҳам дар дохил ва хориҷ бовар доранд, ки "ӯ Амрикоро дубора кабир" хоҳад кард. Мухолифонаш ҳушдор медиҳанд, ки Трамп демократияи Иёлоти Муттаҳидаро халалдор хоҳад кард.

Трамп ҳанӯз вориди Қасри сафед нашуда, алакай аз барномаҳои оиндааш ҳарф мезанад. Ӯ феълан кабинаи ояндаи худро ҷамъ меоварад ва ба шахсиятҳои ғайрисиёсӣ, ба мисли Илон Маск, вазифаи мушовирӣ ва ба хабарнигори Fox News Пита Хегсета вазифаи вазири дифоъи кишварро ваъда медиҳад.

Дигар изҳороти шадиди ӯ вобаста ба муҳоҷирони ғайриқонунӣ аст. Трамп гуфт, ки муҳоҷирони ғайриқонуниро саросар депорт хоҳад кард.

Вале таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон назар ба сиёсати дохилӣ, бештар ба сиёсати хориҷии ИМА равона шудааст. Зеро нақшаҳои Трамп барои ҷомеаи ҷаҳон умедворкунанда мебошад.

## ХОТИМАИ ҶАНГИ РУСИЯ ВА УКРАИНА

Трамп гуфта буд, ки метавонад ҷанги Русия дар Украинаро дар "24 соат" поён бахшад. Питер Скерри, профессори улуми сиёсӣ дар Коллеҷи Бостон ба The New York Times гуфт, интизор дорад, ки Трамп ба "як навъ созише" байни Маскав ва Киев пойфишорӣ хоҳад кард, ки ба пешбинии вай маънии "гузашти бузурги Украина"-ро хоҳад дошт".

Нашрияи "The Wall Street Journal" рӯзи 6-уми ноябр навишт, ки вай "тарҳи мушаххаси сулҳро тасдиқ накарда" ва дар мавриди нақшае, ки ба Путину Зеленский имкон бидиҳад "сари як миз нишинанду ба гуфтушунид сар кунанд", тасмим нагирифтааст.

Владимир Путин, президенти Русия дар изҳороти аввалинаш дар бораи натиҷаҳои интихоботи Амрико рӯзи 7-уми ноябр гуфт, ки майли Трамп дар бораи "эҳёи равобит" бо Маскав ва ёрӣ ба хатми ҷанг дар Украина "ҳадди ақал қобили таваҷҷуҳ аст".

Ҳафтаи гузашта нашрияи "Вашингтон пост" навишт, ки Доналд Трамп, раисҷумҳури мунтахаби Амрико дар суҳбати телефонӣ бо Владимир Путин, аз ӯ хостааст, ки ҷанг дар Украинаро шиддат набахшад. Кремл гуфтугӯи Путин ва Трампро рад кард.

The Telegraph менависад, ки Владимир Путин умед дорад то маросими савгандёдкунии Доналд Трамп Русия сарбозони Украинаро аз вилояти Курск берун мекунад. Нашрия дар такя ба Ҳадамоти истихборотии Британия навиштааст, ки рӯзҳои наздик ҳамлаҳои ҳавоии Русия ва мавқеъҳои артиши Украина дар вилояти Курск эҳтимол зиёд мешавад. Ҳамчунин инчунин интизор меравад, ки 12 ҳазор сарбози Кореяи Шимолӣ вориди ҷанг шаванд.

## САРНАВИШТИ ХОВАРИ МИЁНА

Питер Скерри, профессори улуми сиёсӣ дар Коллеҷи Бостон ба The New York Times гуфтааст, ки чандон рӯшан нест, ки Трамп дар мавриди Исроил чӣ хоҳад кард, аммо гуфт "вай шадидан аз Исроил ҳимоят хоҳад кард", ҳарчанд ҳамзамон талош хоҳад кард, ки Паймони Иброҳимро (Abraham Accords) эҳё кунад. Ин Паймон соли 2020 миёни Исроил, Баҳрайн ва Иморот имзо шуда, ҳадаф аз он барқарор кардани робита байни кишварҳои арабӣ ва Исроил аст.

Трамп чанд моҳ боз хостори хатми ҳарчи зудтари ҷанги Исроил дар Ғазза аст. Ахиран ӯ ба Бенямин Нетаняху, нахуствазири Исроил гуфт: "Шумо бояд онро зуд хотима диҳед. Ба ғалабаи худ ноил шавед ва онро мағлуб кунед. Ҷанг бояд қатъ шавад, куштор бояд бас шавад".

Трамп аз оғози маъракаи интихоботиаш аз амалиёти низомии Исроил дар навори Ғазза пуштибонӣ мекунад.

## ШИДДАТИ МУНОСИБАТ БО ЧИН

Питер Скерри, профессори улуми сиёсӣ дар Коллеҷи Бостон ба The New York Times гуфтааст Чин, ки Трамп дар даври аввали президентияш бо ин кишвар ҷанги тиҷоратиро шурӯъ карда буд, ин бор як чистон хоҳад буд. Трамп ваъда кардааст, ки агар Пекин "ба Тайван ворид шавад", нархи боҷи маҳсулоти чиниро боло хоҳад бурд.

Қаблан вай гуфта буд, ки ба далели равобиташ бо Си Ҷинпин, раисҷумҳури Чин, барои ҷилавгирӣ аз муҳосираи эҳтимолии Тайван аз тарафи Чин, неруи низомии Амрикоро ба кор нахоҳад бурд.

Вале коршиносон мегӯянд, ки Чин яке аз ҳадафҳои бузурги Трамп боқӣ хоҳад монд ва ӯ дар давраи президентиаш мубориза иқтисодиро бо ин кишвар идома медиҳад.

Кейтс Нотон, коршиноси созмони амрикоии "Стратегияи Аксарияти Сокит" мегӯяд "Трамп мехоҳад бештар якравӣ кунад", вале афсӯс, дар гумон аст, ки Конгреси Амрико бо ӯ ҳампо шавад ва муқовимат накунад.

## МУНОСИБАТ БО ТОҶИКИСТОН

Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Амрико ё C5+1 бистари аслиест, ки Вашингтон аз даврони раёсати Барак Обама аз тариқи он талош мекунад робитаи худро бо минтақа ҳифз кунад. Нишасти охирин дар ин чаҳорҷӯб соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорк баргузор шуд, ки сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ бо раисҷумҳури Амрико Ҷо Байден дидор доштанд. Вале бархе аз коршиносон C5+1-ро як бистари ноком медонанд ва баргузор шудани нишастҳоро пас аз интихобот намебинанд.

Коршиносон бар онанд, ки нигоҳи Вашингтон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон аз дидгоҳи рақобат бо Маскав ва Пекин хоҳад буд.

Ёдовар мешавем, ки ИМА шарик ва кумакрасони муҳим барои Тоҷикистон аст. Тибқи иттилои Сафорати Амрико дар Тоҷикистон, дар тӯли 29 сол Амрико бештар аз 1,8 миллиард доллар дар ин кишвар сармоягузорӣ кардааст.

Доналд Трамп сиёсатмадори пешгӯйинашаванда аст. Дар даври қаблии раҳбариаш ба Амрико низ назарҳо ба тасмимҳои вай гуногун буданд. Вале Доналд Трамп то чӣ андоза барои амалӣ кардани ваъдаҳояш муваффақ мешавад, инро вақт нишон хоҳад дод.

# БА МУСОФИРОН ХӮРОКИ ГАРМ ДИҲЕД!

## Талаби Агентӣ аз ширкатҳои русӣ

**Агентии ҳавонавардии Тоҷикистон аз ширкатҳои ҳавопаймоии русӣ хостааст, ки аз 1-уми ноябри имсол дар парвозҳо аз Тоҷикистон ба Русия ва баръакс, ба мусофирон ғизои гарм диҳанд. Ёдовар мешавем, ин бори дуюм аст, ки Агентӣ чунин дархостро аз ширкатҳои ҳавопаймой мекунад.**



Агентии ҳавонавардӣ 8-уми ноябр дар сомонааш навишт, ширкатҳои "Уральские авиалинии", "Сибирь", "Северный Ветер", ЮТэйр" ва "Ямал" изҳори омодагӣ кардаанд, ки дар вакти парвоз аз Тоҷикистон ба Русия ва баръакс, ба мусофирон хӯроки гарм медиҳанд.

"Аз оғози мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 (аз 1-уми ноябри соли 2024) ширкатҳои ҳавопаймоии ватаниву хориҷӣ мусофирони наклиёти ҳавоиро, ки давомнокии парвозашон зиёда аз 3,5 соат мебошад, бо хӯроки гарм таъмин намуда истодаанд",-навиштааст Агентӣ.

Хабарнигори "Тоҷикистон" ба чанд нафар мусофироне, ки баъди 1-уми ноябр ба Русия ва баръакс сафар кардаанд, дар ин мавирд суол пешниҳод кард. Маълум шуд, ки ширкатҳои русӣ талаби мақомоти Тоҷикистонро иҷро кардаанд. Фақат як мусофири "Уральские авиалинии" гуфт, ки парвози рӯзи 4-уми ноябри онҳо бидуни хӯрок будааст. "Фақат чою конфет доданд, тамом",- гуфт ӯ.

Агентии ҳавонавардии Тоҷикистон моҳи июни имсол ҳам аз ширкатҳои ҳавопаймоии русӣ хоста буд, то ба мусофирон ғизо диҳанд. Ҳабибулло Назарзода, директори Агентии ҳавонавардӣ дар ҳузури хабарнигорон гуфта буд, ки агар дастурашон иҷро нашавад, нисбати ширкатҳо чора меандешанд.

Аммо баъди нашри ин хабар даҳҳо корбари шабакаҳои иҷтимоӣ навиштанд, ки ширкатҳои русӣ мисли гузашта ба мусофирон ягон ғизо намедиҳанд. Муҳоҷирон борҳо шикоят кардаанд, ки бо нархи гарон билети парвоз миёни Тоҷикистон ва Русияро мехаранд, аммо дар ҳавопаймо ба ҷуз об дигар ғизо пулакӣ аст.

Ширкатҳои русии "Уральские авиалинии", "ЮТэйр", "Северный Ветер", "Сибирь S7", "Ямал" аз чор фурудгоҳи Тоҷикистон ба Русия парвозҳо анҷом медиҳанд.

Пас аз нашри ин хабар хабарнигори "Тоҷикистон" ба ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" телефон кард. Аз ин ширкат гуфтанд, ки ҳангоми беш аз 3,5 соат давом ёфтани парвоз ҳатман ба мусофирон хӯроки гарм медиҳанд.

### РЕЗААХБОР

10-уми ноябр Сафорати Амрико дар Тоҷикистон баргузории "Ҳафтаи таҳсилоти байналмилалӣ" дар Душанберо эълон кард. Давоми як ҳафта сафорат имкониятҳои идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои ИМА ва кишварҳои дигарро рӯнамоӣ карда, дар бораи тарзи интихоби ихтисосу донишгоҳ, ҳуҷҷатсупорӣ ва ба даст овардани стипендияву грантҳо накл карда, маърака аз 18 то 22-юми ноябр давом мекунад.

***

11-уми ноябр дар Душанбе муаррифии китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров бо забони арабӣ баргузор шуд. Китобро мутарҷими маъруфи суриягӣ Иброҳим Истамбулӣ ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Китоб таҳти сардабирии Назрулло Назар, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон тарҷума шудааст.

***

То 22-юми ноябр Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои хона-музейи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Самарқанд китобҳои бадеӣ ва адабиётшиносӣ ҷамъ меорад. Хоҳишмандон метавонанд чунин китобҳоро ба бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон воқеъ дар хиёбони Исмоили Сомонӣ 8-и шаҳри Душанбе расонанд.

# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ-ФАРҲАНГИИ K-BEAUTY

**Санаи 4-уми ноябри соли 2024 дар Гӯшаи Куриёи назди ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода семинари омӯзишӣ ва ороишии "Зебоии Куриё" гузаронида шуд.**









Дар семинари омӯзишӣ-фарҳангӣ консули Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ И Ҷисонг, муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷӣ Наврасов А., декани факултети тарҷумонии забонҳои Шарқ Ҳасанова Ш., мутахассиси фарҳангии Академияи фарҳангии Сеҷонг Ким Суёнг ва дигарон ширкат варзиданд.

Пеш аз оғози семинар рақси миллии куриёӣ ва рақси миллии тоҷикӣ барои меҳмонон ва иштирокдорон ба намоиш гузошта шуд.

Семинари омӯзишӣ-фарҳангиро муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷӣ Наврасов А. оғоз намуда, баргузории ингуна чорабиниҳои фарҳангиро, ки барои хуб аз худ кардани забон ва фарҳанг мусоидат мекунанд, зарурӣ ва муҳим хонда, таъкид намуд, ки донишҷӯёни ихтисоси забони куриёии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон дар омӯзиши ин забон пешсаф мебошанд.

Баъдан консули Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ И Ҷисонг оид ба равобити фарҳангӣ, паҳншавии Мавҷи Куриё, ки боиси афзудани шавку ҳаваси ҳаводорони Куриё ба забон ва фарҳанги Куриё гардидааст, суханронӣ намуда, таъкид кард, ки Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон барои омӯзиши забон ва фарҳанги Куриё накши калидӣ дорад ва ба ташкилкунандагони чорабинӣ изҳори сипос намуд.

Семинари омӯзишӣ дар ду бахш бо иштироки теъдоди зиёда аз сад нафар донишҷӯён ва забономӯзон гузаронида шуд. Дар ин семинари омӯзишӣ ба духтарон ороиш ба зебогардонии рӯй ва тарзи дурусти истифодаи маводҳои ороишӣ омӯзонида шуд.

Мақсади гузаронидани ингуна семинар ва воҳӯриҳо баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва маҳорати донишҷӯён ва забономӯзон мебошад.

Ёдрас мешавем, ки семинари номбурда таҳти сарпарастии Sejong Culture Akademy, King Sejong Institute Foundation ва King Sejong Institute Dushanbe баргузор гардид.

# ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ДОНИШГОҲИ КЕМБРИҶ



**Ҷавони тоҷик Зулфиёр Бахтиёров, муҳаққиқи соҳаи ҷуғрофиё, махсусан таъсири тағйирёбии иқлим ба муҳити атроф чанде пеш фаъолияти илмиашро дар Донишгоҳи Кембриҷ оғоз кард.**

Ӯ 12-уми декабри соли 1993 ба дунё омада, роҳи илмиаш аз Донишгоҳи технологияҳои нозуки кимиёии ба номи Ломоносов дар шаҳри Маскав оғоз ёфта, баъдан дар Академияи илмҳои Тоҷикистон, донишгоҳҳои Xinjiang (Xinjiang Institute of Ecology and Geography) ва Yunnan University дар Чин идома ёфтааст.

Ҳамчунин чандин сол дар Маркази илмии шаҳри Хуҷанд фаъолият карда, дар Коллеҷи инноватсионии Хуҷанд дарс додааст.

Ӯ дар бахши таҳқиқоти ҳалқаҳои дарахт ба кор шурӯъ кардааст ва ба омӯзиши тағйироти иқлим дар Осиёи Марказӣ, Русия, Гурҷистон, Чин ва Туркия машғул аст. Ҳамчунин, ӯ ба ҳайси узви муҳим дар лоиҳаи бузурги Шӯрои Таҳқиқоти Аврупо ҳамроҳ шуд, ки ҳадафи он барқарор кардани омилҳои экологӣ, биологӣ ва иҷтимоие мебошад, ки ба паҳншавии вабо дар Евразия тӯли солҳои 1300-1900 таъсир расонидаанд.

Зулфиёр муаллифи мақолаҳои зиёде мебошад, ки дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба нашр расидаанд. Ӯ соли гузашта рисолаи номзадӣ дифоъ кард.

Ба Зулфиёр барор хоста, умед мекунем, ки ҳамеша муаррифгари миллати тоҷик бошад ва ба дараҷаҳои баландтарини илмӣ бирасад.

# ДАСТОВАРДИ ҶАҲОНИИ ОЛИМИ ТОҶИК



**Дар маҷаллаи бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ, махсусан маҷаллаҳои раддаи Q1 ва Q2 мақолаи илмӣ нашр кардан хеле кори душвор ва дастоварди бузург ба ҳисоб меравад. Вале аз байни мақолаҳои дар як шумора чопшаванда баргузида шудани мақолаи алоҳида барои нашр дар муқова - ин дастоварди хеле бузург ва таърихӣ аст.**

Шумораи 10-и маҷаллаи бонуфузи Nature Synthesis-ро, ки импакт-фактори зиёда аз 8 дорад (Q1) ва натиҷаҳои пажӯҳиш дар самти кимиё ва маводшиносиро нашр мекунад, акси кристалҳои сохтаи донишманди тоҷики муқими Канада доктор Махсуд Саидаминов оро медиҳад.

Мақолаи илмии гурӯҳи Махсуд Саидаминов "Reproducible high-quality perovskite single crystals by flux-regulated crystallization with a feedback loop" ном дошта, ба танзими суръати рушди кристалҳо бахшида шуда, дар он усули нави назорати рушди кристалҳо пешниҳод шудааст.

Махсуд Саидаминов роҳбари илмии Canada Research Chair Tier II дар самти маводи функсионалии пешрафта ва устоди кафедраи кимиёи Донишгоҳи Викторияи Канада буда, хатмкардаи мактаби миёна дар Тоҷикистон, Донишгоҳи ба номи Ломоносови шаҳри Маскав (ҳам маълумоти олӣ ва ҳам аспирантура), солҳои гуногун постдоктор дар KAUST ва олими даъватӣ дар Massachusetts Institute of Technology ва устоди Донишгоҳи Торонто буданд.

Махсуд Саидаминов муаллифи зиёда аз 130 мақолаи илмӣ дар бонфузтарин маҷаллаҳо, аз қабили Science, Nature, Nature communications, Nature Energy, Nature nanotechnology, Nature Reviews Materials, ACS Energy Letters, Chemical communications, Advanced Optical Materials, Cell Reports Physical Science, Physical Review ва ғайра мебошад.

Махсуд Саидаминов чандин бор аз тарафи Clarivate Analytics ҳамчун олими сериктибостарин ва аз тарафи Research.com ситораи тулуъкунандаи илм эътироф гаштааст. Мувофиқи маълумоти пойгоҳи Google Scholar h-индекси ин донишманди тоҷик ба 68 баробар аст.

**Ризои БАҲРОМЗОД**



# ШОҲРАГЕ ДАР ПАЙКАРИ ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ

**Роҳи музднок ҷодаест, ки ин ё он ширкат барои нигоҳдориаш муваззаф буда, ҷиҳати ҷавобгӯи талабот будани он масъулият дошта, дар ин самт бояд аз имконоти дар ихтиёрдоштааш самаранок истифода намояд. Маъмулан ҳукумати кишварҳои рӯ ба рушд дар заминаи татбиқи чунин лоиҳаҳо, ки аксар маврид бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ мешаванд, ҳолати роҳҳоро беҳтар менамоянд. Бояд дарк намуд, ки талабот ва усули истифодаи чунин тарзи кор (манзур ҷорӣ намудани низоми толлингии истифодаи роҳҳо аст) дар ҳар кишвар махсусиятҳои худро дорад.**

Дар кишвари мо низ солҳои аввали ҷоришавӣ ин иқдом бо бархӯрд ва назарҳои интиқодӣ рӯ ба рӯ буд. Аксарият ба ном мунаққидон иддао доштанд, ки ин роҳ аз ҳисоби давлат сохта шудааст чаро онҳо барои истифодааш маблағ пардохт намоянд? Бо мурури вақт ин низом натиҷаҳои мусбат ба бор оварду мардум низ муътақид гардиданд, ки пули пардохтнамуда барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, ташкили инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои пуриқтидори замонавӣ харҷ мешавад.

Солҳои аввали татбиқи ин иқдом баъзеҳо иддао доштанд, ки ҷоринамоии ин низом дар сурати мавҷудияти роҳи алтернативӣ бояд сурат гирад. Вале роҳи Душанбе - Чаноқ аз лиҳози релефи ҷойгиршавӣ махсусият дорад, ки мавҷудият ва истифодаи роҳи алтернативиро зери суол мебарад. Бояд дарк кард, ки дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр бунёди роҳи ба истилоҳ «алтернативӣ» ва нигоҳдории роҳи мавҷуда то андозае ғайриимкон аст. Зеро нигоҳдории роҳи «алтернативӣ» низ хароҷоти қобили мулоҳиза дошта, сарбории масрафи маблағҳои буҷавиро зиёдтар менамояд.

Баъд аз 15 соли фаъолияти пурмаҳсули IRS ва бо назардошти махсусияти ҷуғрофиву иқлимӣ ва ғайра метавон гуфт, ки истифодаи муздноки роҳи Душанбе - Чаноқ асоснок ва муҳим аст. Зикр кардан бамаврид аст, ки роҳи Душанбе - Чаноқ аз лиҳози нигоҳдорӣ махсусияти зиёд дошта, табиист, ки на ҳама ширкатҳои саҳомӣ майли сармоягузорӣ ба чунин роҳро доранд. Касе инкор карда наметавонад, ки роҳи мазкур то бозсозӣ шудан душворгузар махсуб мешуд. Мардум азобҳои дар роҳҳои пурпечутобу хатарноки Душанбе-Айнӣ-Панҷакент, Душанбе-Айнӣ-Хуҷанд, махсусан ағбаи Анзоб кашидаашонро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунанд. Мусофирону ронандагон ҳафтаҳо дар Майхӯра ё мавзеи «Ветерок»-и ноҳияи Айнӣ шабҳоро рӯз мекарданд. Аз сабаби зиёд будани теъдоди мусофирон ҳама тавассути тайёра ба шаҳри Хуҷанд рафта наметавонистанд. Ба шаҳри Панҷакенту ноҳияи Айнӣ дар фасли зимистон аз Душанбе ва Хуҷанд рафтуомад имконнопазир гардида, танҳо ба воситаи шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон имкони ба водии Зарафшон рафтан мавҷуд буд.

Аз ҷониби дигар, вазъи ногувори роҳ боиси он мегардид, ки ронандагон хароҷоти зиёдатӣ намоянд. Бинобар ҳолати ногувори роҳ мошинҳо сарфи назар аз сабукрав ва ё боркаш будан, зуд-зуд вайрон шуда, боиси нороҳатӣ ва хароҷоти зиёдатӣ мегардид.

Таҷрибаи нигаҳдории роҳи «Душанбе - Чаноқ» нишон дод, ки «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар самти коршоям нигоҳ доштани роҳи мазкур тамоми ҷораҳоро меандешад ва бо мақсади тасмимгирии дуруст ва гирифтани таҷриба бо ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ дар соҳаи роҳсозӣ муносибатҳои шарикиро ба роҳ мондааст. Шоҳид ҳастем, ки дар мавсими сармо кормандони IRS шабонарӯзӣ роҳро бо маводи зиддилағзиш коркард, ҳазорҳо тармаро бетаъхир бартараф месозанд, автомобилҳои дар роҳ дармондаро ба макони амн интиқол медиҳанд, мусофирон, хоса занону кӯдаконро муваққатан дар хонаҳои устоҳои роҳ ҷойгир карда, ба ронандагон ғизо тақсим мекунанд. Ҳамасола боришоти шадиди барф, тармафарой, лағжиши сангпораҳо, бориши пуршиддати борон сарбории кормандони филиали ширкатро дучанд намуда, онҳоро ба маънои том шабзиндадор мекунад. Ин аст, ки бо вуҷуди номусоидии обу ҳаво роҳи Душанбе - Чаноқ доимо кушода аст.

Бо фаро расидани гармо сарбории кормандони он зиёдтар шуда, таъмири куллӣ ва ҷории роҳ, тоза намудани ҷӯйборҳои канори роҳ, насби аломатҳои он, соҳилмустаҳкамкунӣ, бунёди пойдеворҳо, кашидани хатҳои уфуқӣ ва дигар корҳои марбут ба нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ бо истифода аз масолеҳи хушсифат ва ҷалби мутахассисони болаёқат амалӣ шуда истодааст.

Агар гӯем, ки 15 соли фаъолият марҳилаи санҷишу имтиҳонҳои ҷиддӣ, такомулу шаклгирии фаъолият, тавсеаи равобит, болоравии сатҳи маърифият, пуриқувват гардидани пойгоҳи техникӣ, саҳмгузорӣ дар ғановати буҷети давлатӣ ва ғайра махсуб мешавад, муболиға нахоҳад буд. Корҳои амалишуда далели бебаҳси онанд, ки дар тамоми ҳолат кормандони филиали ширкат рисолати дар асоси шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вогузоршударо дар сатҳи хуб ва сифати баланд ба ҷой овардаанд.

Ҳолати хуби роҳи Душанбе-Бӯстон-Чаноқ ба рушди туризми дохилию хориҷӣ низ мусоидат намуд. Тамоми сол сокинони қисмати марказию ҷануби кишвар тавассути роҳи мазкур ба осоишгоҳҳои «Ҳавотоғ»-у «Зумрад» ва тамошои Хуҷанду Қайроққум мераванд. Сокинони шимоли кишвар бошанд, дар зарфи чанд соат ба пойтахт расида, ба тамошои қалъаи Ҳисору осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Оби Гарм» ва сайри «Чилучорчашма» метавонанд мушарраф гарданд. Сайёҳони хориҷӣ низ имкон пайдо намуданд, ки ба шарофати ҳолати хуби роҳи мазкур тамоми сол бо табиати зебои диёрамон ошно шаванду аз тамошои он лаззат баранд.

Хулоса, роҳи Душанбе-Бӯстон-Чаноқро метавон шоҳраге дар пайкари Тоҷикистони азиз номид, ки нигоҳдориашро IRS дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ карда истодааст.

# МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ

## Таҳқир, интизорӣ ва роҳҳои ҳалли он

**Бо даъвати РИА “Новости” барои иштирок дар Медиафоруми кишварҳои аъзои ИДМ ба Москва сафар доштам. Шоми 7-уми ноябри соли равон тавассути ширкати ҳавопаймои «Сомон Эйр» аз фурудгоҳи Душанбе ба Москва парвоз кардам. Эй кош намерафтаму чунин манзараи ҳузнангез, риққатоварро дар фурудгоҳи Домодедово намедидам. Аммо, ҳолати воқеиро бозгӯ мекунам, то мақомоти дахлдори Тоҷикистону Русия пеши ин нобасомонӣ, хараҷу мараҷ ва фишору таҳқирро бар сари муҳоҷирони тоҷик дар фурудгоҳи Русия бигиранд. Охир, ҳар чӣ андоза дорад. Шараф, қадру манзалати инсон аз ҳама чӣ болотар аст.**







### 5 СОАТИ САРСОНИВУ НОПИСАНДӢ ДАР ФУРУДГОҲ

Фурудгоҳи Душанбе. Яке пайи ҳам бо навбат аз нуқтаҳои бақайдгирии шиноснома гузаштанду пас аз чанд лаҳза вориди ҳавопаймои “Сомон Эйр” шуданд. Дар чеҳраи яке табассумро мебинаму дигареро мушаввашу парешонхотир. Албатта, дурӣ аз Ватан, наздикону пайвандон сахт аст. Аммо, ҳама бо мақсаде азми сафар ба Русия доранд: кор, табобат, аёдати пайвандону наздикон...

Инак, пас аз чанд соат, аниқтараш соати 12-и шаб бо вақти Москва ҳавопаймои мо дар фурудгоҳи Домодедово ба замин фуруд омад. Гурӯҳ-гурӯҳ шаҳрвандони кишвар бо як ҳисси тарсу ваҳм ва яъсу ноумедӣ вориди толори мисли рӯдаи гов дарози фурудгоҳ, наздик ба ғурфаҳои бақайдгирии шиносномаҳо мешуданд. Дар миёни онҳо ман ҳам қарор доштам. Назди ғурфаҳои бақайдгирии шиноснома қариб холӣ буд. Вале дар як дам мисли сарбозони дар саф қатор истода ҳама ҷамъ омаданд. Аз дохили ғурфаҳои шишагин шахсони масъул шиносномаҳоро якяк қабул намуданд. Ҳамагӣ чанд нафар шаҳрвандони кишвар аз қайди расмӣ гузаштанду аз фурудгоҳ берун баромаданд. Полиси фурудгоҳ шиносномаҳои дигаронро бо навбат ҷамъ карда, тозон-тозон оварда, ба кабинаҳо тақсим мекард. Дар ҳайрат будам, ки чаро чунин аст. Охир, чанд сол пеш ҳам ба Москва омада будаму чунин манзараро надида будам. Ҳамагӣ пас аз 10-15 дақиқаи раванди бақайдгирӣ аз толори фурудгоҳ берун шуда будем.

Ниҳоят, дар назди ғурфаи тафтиши шиносномаҳо навбат ба ман расид. Якҷо бо шиноснома мактуби даъватии ҷониби РИА “Новости”-ро ба масъули бақайдгиранда, бонуи қавитане, ки дар дохили ғурфа бо нозу ишва менишаст, пешниҳод намудам. Ӯ ба сӯям нигариста, пурсид:

- Барои чӣ ба Москва омадӣ?

- Бо даъвати РИА “Новости”. Пагоҳ, 8-уми ноябр бояд дар Медиафоруми кишварҳои аъзои ИДМ ширкат варзам,- посух додам.

Ӯ мактуби расмиро писанд накарду бароям баргардонд. Шиносномаамро ба ҷавоне, ки шиносномаҳои дигаронро бо навбат чида истода буд, супорид. Дар дастони ин корманди полис қабза-қабза шиносномаҳои шаҳрвандони Тоҷикистон буд. Ҳама ҳайрон менигаристанд. Дар дил гузаронидам, ки шояд дар кабинаи дигар шахсият ва ҳуҷҷатҳоро аз назар мегузаронанду шиносномаҳоро бозпас медиҳанд. Вале чунин нашуд.

Пас аз чанд лаҳза паси дари полис пур аз шаҳрванд шуд. Як сӯ занон бо кӯдакони хурдсол ва ҷониби дигари фурудгоҳ мардон ҳайрон ва бо чашми чор ба дари кабинаҳои полис интизори гирифтани шиноснома буданд. Ин дам ба модари калонсоле дилам сӯхт, ки ӯ аз шаҳри Хуҷанд маҳз барои табобат ба Русия омадааст. Ӯ ба кормандони полис гуфт, ки аз бемории дил азият мекашад ва дар беруни фурудгоҳ фарзандонаш интизоранд. Вале ба арзи ӯ касе эътибор намедод. Ин зани кӯҳансол хоҳиш намуд, ки аз наздаш дур нашавам ва то охир ҳамроҳӣ намоям. Вале пас аз чанд лаҳза садои корманди полис омад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон, яъне мардҳо аз паси ӯ ба гӯшаи дигари фурудгоҳ биёянд.

Ба хотири огоҳ шудан аз рафтори кормандони полис ман ҳам паси ӯ рафтам. Ин замоне буд, ки алакай 1 соат вақт дар фурудгоҳ сипарӣ шуда буд. Дар як гӯшаи хилвати фурудгоҳ қариб 100 нафар муҳоҷирони тоҷик хастаҳол қисме дар рӯйи курсиҳо нишаставу қисме рост истода буданд. Аз набудани ҷой дар рӯйи замин хобида ҳам буданд. Ростӣ, дилам ба онҳое сӯхт, ки калонсоланд ва бинобар 4 соати парвозу дурии роҳ ва интизориҳои тӯлонӣ хаста шуда буданд. Ҳатто ҷой барои нӯшидани як қаҳва набуд, то хастагӣ рафъ шавад. Инҷо аз муносибати кормандони полис косаи сабри ҳама лабрез шуда буд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

### АЗ ИДОРА:

Тафтиши шадид ва муносибати таҳқиромези кормандони фурудгоҳҳои Русия нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар сафар барои кор, табобат ё аёдати наздикон мераванд, мушкилоти ҷиддист. Дар фурудгоҳи Домодедово муҳоҷирон соатҳо бо таҳқиру интизорӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин муносибат боиси ноороміҳои равонӣ, талаф додани вақт ва халалдор шудани қадру манзалати онҳо мегардад. Аз ҳисоби чунин ҳолатҳо, ҳангоми бозгашт муҳоҷирон худро гӯё аз асорат озодшуда эҳсос мекунанд. Ин дар ҳолест, ки Тоҷикистон ва Русия ҳамчун шарикони стратегӣ муносибатҳои қавии сиёсӣ доранд, аммо дар сатҳи иҷтимоӣ, муҳоҷирони тоҷик то ҳол аз эҳтироми оддӣ бархӯрдор нестанд.

### ПЕШНИҲОДҲО

1. Такмили механизми вуруд ва хуруҷ дар фурудгоҳҳо. Зарур аст, ки мақомоти дахлдори Русия раванди қабули муҳоҷиронро такмил диҳанд, то ки ба муҳлати тӯлонӣ нигоҳ доштани шаҳрвандон кам шавад. Ҷорӣ намудани назорати касбӣ ва беғаразона метавонад вазъро беҳтар созад.

2. Таъмини шароити беҳтари интизорӣ. Дар фурудгоҳҳо барои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо сабабҳои ба худашон норавшан нигоҳ дошта мешаванд, шароити муносиби интизорӣ, аз ҷумла ҷойҳои нишаст, дастрасӣ ба обу ғизо ва имконияти пайвастшавӣ ба интернет бояд таъмин карда шавад.

3. Гузаронидани омӯзишҳо барои кормандони фурудгоҳ. Кормандони полис ва хизматрасонии фурудгоҳ бояд омӯзонида шаванд, ки муносибати дуруст ва эҳтиромона бо мусофирон, новобаста аз миллат ё мақоми онҳо чӣ гуна бошад.

4. Ҷорӣ кардани намояндагони расмии Тоҷикистон дар фурудгоҳҳои калидии Русия. Зарур аст, ки намояндагони консулгарӣ ё сафоратхонаи Тоҷикистон дар фурудгоҳҳои асосии Русия, бахусус дар мавсими муҳоҷират ҳузур дошта бошанд, то дар ҳолатҳои зарурӣ ба шаҳрвандони худ кумак расонанд.

5. Ҳамкорӣ дар сатҳи давлатҳо. Бояд Тоҷикистону Русия дар сатҳи давлатӣ барои беҳтар намудани шароити муҳоҷирони тоҷик ҳамкорӣ кунанд. Тартиби равуои шаҳрвандонро бояд ба сатҳи шарикӣ ва эҳтиром мутобиқ созанд, то ки муносибати ду кишвар ба якдигар, дар воқеъ, дар сатҳи стратегӣ ва боэҳтиром бошад.

# ЛАҶОМИ РОНАНДАҲОИ ТАКСӢ ДАР ДАСТИ КИСТ?




**Душанбе тайи ду соли охир бо омадани шумораи зиёди "мошинҳои сабз"-и хитоӣ (элетромобилҳо) боз ҳам сабзтар мегардад. Тавре омор шаҳодат медиҳад, соли сипаришуда зиёда аз 8 ҳазор худрави барқӣ ва танҳо дар ним соли равон анқариб 5 ҳазор мошини сабз ба кишвар ворид гардидааст, ки қисмати зиёди онҳо ҳамчун таксӣ фаъолият мекунанд. Аммо…**

## ҲАР КИРО ТАБЪАШУ ДАВИ АСПАШ?

... Рӯзи 4-уми ноябр, вақте ки аз кӯчаи Айнӣ ба самти кӯчаи Саъдӣ ҳаракат мекардам, бемуҳобот шоҳиди парвози "ракетаи заминӣ" гардидам. Аз паҳлуи мошини мо, ки бо суръати 45-50 км/соат ҳаракат мекард, "сабзмошине" бо суръати баланд гузашт (тақрибан 100-110 км/соат) ва ронандагони дигар мошинҳо аз тарси бархӯрд бо он суръати ҳаракати худро боз ҳам пасттар мекарданд. Ронандаи ин мошин, ки шояд худро "шоҳи роҳ" меҳисобид, анқариб дар пиёдагузар ду нафарро зери чарх мегирифт, вале ба қавле "Худо инояте карду" онҳо сари вақт худро канор гирифтанд. Вагарна, ҳодисаи нохуше дар пеши назарамон рух медод...

Тавре борҳо шоҳид шудаем, ронандагони таксӣ ба пиёдагардон роҳ намедиҳанд. Ин ҳолат на танҳо хатарнок аст, балки ҳуқуқвайронкунӣ буда, амнияти пиёдагардонро зери хатар мегузорад ва нисбати онҳо беэҳтиромӣ ҳисобида мешавад.

Он чӣ, ки ронандагони таксӣ риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳро ба назар намегиранду новобаста ба дурбинҳои назоратӣ, онҳоро поймол мекунанд, дар Душанбе аксиома аст. Агар каме ба мавҷи ҳаракати мошинҳо дар дилхоҳ чорроҳаи пойтахт назорат кунед, дар як муддати кӯтоҳ ба чандин қоидавайронкунии онҳо шоҳид мегардед. Охир худи омори он, ки дар байни ширкаткунандагони ҳаракат дар роҳ (мошину автобусҳо, мотосиклу мошинҳои боркаш ва ғайра) таксиҳо 7,3 маротиба бештар сабабгори садама ва ё худ гирифтори садама мешаванд, баёнгари ҳол аст!

... Субҳи рӯзе, ки маводи мазкур омодаи чоп мегардид, дар шабакаҳои иҷтимоӣ видеои боз як садама ба нашр расид, ки дар дарвозаи Ҳисор бо иштироки таксӣ сурат гирифта буд. Ин бор бе марг, вале бо ҷароҳатҳои сахти мусофиру ронанда анҷом ёфт, аммо то кай чунин "кӯзаҳо ба лаби об ношикаста" рафта меоянд?

Албатта, шиори "Ҳар кию дави аспаш" ҳоло махсусан дар байни ронандагони таксӣ маъмул аст ва аксари онҳо аз рӯи он амал мекунанд, аммо кист, ки аз лаҷоми ин "аспҳои даванд" кашаду гӯяд: "Ҳой лаҷомгусастаҳо, ин ҷо шаҳр аст, на майдони пойга!" Садди роҳи онҳо кӣ мешавад, БДА, шаҳрдорӣ ва ё каси дигар?

*Тараҳҳум бар паланги*
*тездандон,*
*Ҷафокорӣ бувад бар*
*гӯсфандон.*

## НАДОНЕД, МЕОМӮЗОНЕМ, НАХОҲЕД…

"Одоби ронандагиро аз кӣ омӯхтӣ, аз ронандаи таксии Душанбе...". Дарвоқеъ, агар он корe, ки ин таксиҳои шаҳр мекунанд, ба худ раво набинӣ, ҳам ронандаи боодоб мешавию ҳам шаҳрванди ватандӯст. Барои ин, он чӣ, ки эшон мекунанд, аз он бояд ҳазар кард. Яъне дар рафти мошин аз тирезаи он набояд буталҳои пластмасӣ ва дигар партовҳоро партофту носи таги забонро вақти дар назди чароғак расидан туф кард, балки ба қоидаҳои шаҳрдорию шаҳрзистӣ риоя намуда, дар сари чамбарак аз кашидани он парҳез бояд намуд. Дар ҳар кучое хоҳанд, мусофир фароранду мусофир гиранд ва ҳамчунин фаровези даҳони худро сар надиҳанд...

Барои чунин ронандагони бетарбия бояд аз сари нав "Алифбои" одобро омӯзонд ва ё мисли давраи Шӯравӣ аз онҳо талаб намуд, ки "Кодекси ронандаи таксӣ"-ро (агар чунин кодексро шаҳрдорӣ қабул кунад) аз "а" то "я" азбар кунанду пас аз ин ба сари чамбарак нишинанд. Дар ҳолати содир намудани рафтори ғайри қобили қабул ва нодурусту муносибати дурушт бо мусофир ҷаримаи ҳатмӣ ҷорӣ карда шавад ва агар такрор ёбад, барои аз кор рондани чунин ронанда санад пешниҳод гардад. Ҷорӣ намудани низоми ҷаримаҳои сахт барои партофтани партов аз мошин зарур аст, зеро ронандагони мо танҳо зарба ба ҳамёнро қабул доранд.

**А. АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигор**




## АЗ ИДОРА:

Гузориши мазкур нишон медиҳад, ки вазъи хизматрасонии таксӣ дар Душанбе бо чолишҳои ҷиддии марбут ба риояи қоидаҳои ҳаракат, одобу муносибати ронандагон ва амнияти мусофирон рӯ ба рӯст. Бо вуҷуди ворид шудани теъдоди зиёди таксиҳои нав, бахусус электромобилҳо, мушкилоти техникиву ахлоқӣ, аз қабили бетаҷрибагии ронандагон, риоя накардани қоидаҳо ва набудани маданияти муносибат бо мусофирон ва пиёдагардон ба таври васеъ мушоҳида мешавад. Гузашта аз ин, садамаҳои нақлиётӣ бо иштироки таксиҳо назар ба дигар воситаҳои нақлиёт ба маротиб бештар мебошад. Дар ин росто, амали номуназзами баъзе ронандагони таксӣ хатари ҷиддӣ барои аҳолии шаҳр ва пешрафти низоми нақлиётӣ дорад.

## ПЕШНИҲОДҲО:

1. **Таъсиси гурӯҳҳои махсуси назоратӣ:** Таъсиси гурӯҳҳои махсуси назоратӣ аз тарафи мақомоти амнияти роҳ (БДА) метавонад барои назорат ва риояи қоидаҳои ҳаракат аз ҷониби ронандагони таксӣ таъсиргузор бошад.

2. **Ҷорӣ намудани санҷишҳои қатъии амалии ронандагӣ:** Санҷиши амалии малакаҳои ронандагӣ ва муносибат бо мусофирон бояд ҳатмӣ шавад, то ки ронандагон аз тарзи дурусти хизматрасонӣ огоҳ бошанд.

3. **Сохтани низоми рейтинг ва баҳогузорӣ:** Барои ташвиқ ба хизматрасонии хуб, ҷорӣ намудани низоми рейтинг ва баҳо додан аз ҷониби мусофирон барои ронандагон, ки метавонад сабаби коҳиши ҳолатҳои бадмуомилагӣ гардад.

4. **Таъсиси курсҳои омӯзишии махсус барои ронандагон:** Таъсиси курсҳои таълимӣ оид ба маданияти ронандагӣ, муносибати эҳтиромомез бо мусофирон ва ҳифзи муҳити зист дар байни ронандагон метавонад барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ кумак расонад.

5. **Ҷорӣ намудани ҷаримаҳои баланд барои қоидавайронкунӣ:** Ҷорӣ кардани ҷаримаҳои баланди моддӣ барои партофтани партовҳо ва дигар қоидавайронкуниҳо, ки метавонад ронандагонро водор кунад, ки одоби ронандагиро риоя кунанд.

Татбиқи ин тадбирҳо на танҳо сифати хизматрасонии таксиро баланд мебардорад, балки барои муҳити бехатар ва тозаи шаҳр мусоидат мекунад.

# САРЧАШМАИ МУҲАББАТИ МАН



*Шайх Муҳаммад ибни Рашид ал Мактум дар ибтидои солҳои 60-ум*

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Латифа дар забони арабӣ маънои дӯст, меҳрубон ва ғамхорро дорад. Он ҳамчунин баёнгари руҳ ва дили боз аст. Латифа модар, қалб, рӯҳ ва ҳастии ман дар зиндагӣ буд. Ӯ дар ҳақиқат инсони наҷиб, беҳтарин, ғамхор, меҳрубон, дилсӯз дар рӯзгорам буд.

Номи пурраи модарам Латифа бинти Ҳамдан ибни Зайд Ал Наҳян ва падараш аз соли 1912 то 1922 ҳокими Абу-Дабӣ буд. Ӯ зиёда аз 40 чароғи хонадони мо буд.

Як сол пас аз издивоҷ бо шайх Рашид, ӯ духтари аввалини худ Марямро ба дунё овард. Пас аз се сол ҳокими ояндаи Дубай Мактум ибн Рашид таваллуд шуд. Таваллуди ӯ оғози ҷашни бузург буд.

Соле чанд баъд писари дуюм дар оилаи мо тавлид шуд, ки номи вайро ба ифтихори бобоям Ҳамдан ибни Зайд Ҳамдан ибни Рашид гузоштанд. Сипас, модарам писари дигар - Марванро ба дунё овард, ки дар синни ҷавонӣ ба таври фоҷиавӣ аз олам даргузашт. Модар бо мушкилот ин талафоти бузургро таҳаммул намуд. Ӯ солҳои зиёд ғамгин буд. Рӯзе ӯ хоб мебинад, ки писари дигаре бо номи Муҳаммад ба дунё овардааст.

Падарам аз ин хоб ва тафсири зебои он хурсанд шуд, зеро ин хоб дилу рӯҳи ҳамсари маҳбубашро аз ғаму андӯҳи фарзанди ҷавонмаргаш наҷот медод. Дере нагузашта ин хоб ба воқеият табдил ёфт. Ӯ писареро ба дунё овард, ки номашро Муҳаммад ибни Рашид Ал Мактум гузоштанд.

**ҲАР ФАРЗАНД МЕТАВОНАД МУҲАББАТЕРО, КИ ДАР ЧЕҲРАИ МОДАРАШ ИНЪИКОС ЁФТААСТ, БА ЁД ОРАД. МОДАРИ МАН БЕНАЗИР, ОРОМ ВА МЕҲРУБОН БУД.**

Модарам ҳамаи фарзандонашро дӯст медошт, аммо ман ҳис мекардам, ки ба дили ӯ наздиктар ҳастам. Ман ҳеҷ гоҳ чунин муҳаббат, чунин дил ва чунин меҳру мулоимат, ки модарам дошт, надидаам. Аввалин солҳои зиндагии худро ман дар оғӯши гарми модарам ва падарам, дар хонадони саршор аз муҳаббат гузаронидам. Вақте ки ду-сесола будам, падарам дар асп маро пешаш мешинонд ва ҳар куҷо, ки мерафт, бо худ мебурд.

Ман ҳамеша дӯст медоштам, ки барвақт бедор шавам. Пеш аз аксарияти аҳли оила бархеста, ҳамеша модарамро медидам, ки барои мо субҳона омода месохт. Ҳарчанд мо барои анҷоми ин кор хизматгор доштем.

Ҳанӯз ҳам бӯйи нони модарам дар димоғам аст ва тамоми суҳбатҳои субҳгоҳиямонро дар ёд дорам. Ба ман суҳбатҳоямон дар бораи рустаниҳои доруворӣ писанд буд, зеро ӯ таҷрибаи хуби табобат бо гиёҳҳоро дошт ва табибӣ мекард. Одамон аз роҳҳои дур барои табобат бо кӯдаконашон, пайвандонашон наздаш меомаданд, аз доруву малҳамҳои гиёҳиаш истифода мебурданд.

**МОДАРАМ ДАР КАМОНАНДОЗӢ АЗ БИСЁР МАРДОН МОҲИРТАР БУД. ДАР АСПУ УШТУРСАВОРӢ НИЗ ҲАМТО НАДОШТ, ГӮЁ БАРОИ ЗИНСАВОРӢ ОФАРИДА ШУДА БОШАД. ҲАР КАСЕ, КИ ӮРО МЕШИНОХТ, СИДҚАН ДӮСТ МЕДОШТ.**

Ҳар субҳ модарам барои ман пеш аз рафтан ба мактаб наҳорӣ омода мекард. Дар роҳ ман онро ба ду қисм тақсим мекардам - барои худ ва барои аспам. Ман ҷавон будам ва гумон мекардам, ки нон бо тухм барои аспҳо муфид аст. Модарам мушоҳида кард, ки ман аз мактаб хеле гурусна бармегардам. Ӯ дарёфт, ки ман наҳориро бо аспам тақсим мекунам ва миқдорашро ду баробар зиёд кард. Фикр мекардам, ки ин як амали тасодуфӣ буд. Аммо вақте бузург шудам, фаҳмидам, ки ӯ ҳамаи инро медонист.

Чунин буд модари ман. Ӯ танҳо пас аз он, ки мо хӯрок хӯрда мешудем, сари дастархон менишаст. Танҳо даме истироҳат мекард, ки мо мехобидем ва ҳамеша замоне, ки чеҳраи моро хандон медид, хурсанд мешуд.

### ЛАТИФА НЕЪМАТИ ҲАЁТ

Низор Қаббонӣ дар сӯги ҳамсараш Билқис ин сатрҳоро навиштааст:

*Билқиси ман буд шаҳдухтари зебо*
*Дар масири таърихи Бобул,*
*Билқиси ман буд болотарин нахла*
*Дар Ироқи афсонапарвар.*
*Тарзи хиромаш омӯзгори товус буду оҳуи ваҳшӣ.*

Ин шеър модарам ва ҷавониамро дар хотироти ман зинда месозад. Ёдам меояд, ки модарам миёни галлаи оҳуҳо, ки аз хурдӣ барояшон ғамхорӣ мекард, қадам мезад. Онҳо ӯро ҳар ҷое ки мерафт, ҳамроҳӣ мекарданд. Модарам чунон зебо буд, ки ҳама атрофиёнро мафтун месохт.

Вақте ки тақрибан ҳафтсола будам, бори аввал ба модарам тӯҳфа додам. Ман бо Ҳумайд ибни Амҳӣ дар сафар будам, ки маро ҳунари шикор ва малакаҳои зиндагӣ дар биёбон меомӯзонд. Ман оҳубачаеро дидам, ки модараш тарк карда буд. Барои модароҳу оддӣ аст, ки ба хотири дар танҳоӣ таваллуд кардан аз галла канда шавад. Аммо даме мефаҳмад, ки аз гала ақиб мондааст, аз тарс бачаашро мепартояд ва ба галла мепайвандад. Мо бо ҳамсари Ҳумайд ин манзараро тамошо кардем. Интизор шудем, ки офтоб фурӯ равад, модароҳу бармегардад. Аммо барнагашт.

Ман оҳубачаро ба оғӯш гирифтам. Дар он лаҳза фаҳмидам, ки кӣ метавонад ҷои модарашро гирад. Ман медонистам, ки ин корро танҳо модари ман метавонад анҷом диҳад. Ӯ оҳуҳоро дӯст медошт.

Модарам ба ман ҳаёт дод ва ман мехостам ба ин оҳубача ҳаёт бахшам.

Лабханди ӯ ба ман ҳаёт дод. Лабханди ӯ зеботарин манзарае буд, ки ман дида будам!

Падарам бо гурӯҳи мардон баъдтар омад. Онҳо ҳадяи модарамро ба Ҳумайд доданд. Ман бо оҳубача бо онҳо пайвастем. Дар роҳ ба онҳо нақл кардам, ки чӣ гуна оҳубачаи модараш партофтаро гирифтам ва мақсади ба модарам ҳадя кардани онро низ баён намудам.

Ман бо оҳубача, ки ҳанӯз ҳам ба ман часпида буд, ба хона расидем ва вақте модарамро дидам, дастҳоямро кушодаму оҳубачаро ба ӯ нишон додам. Чеҳраи ӯ саршори шодӣ буд ва вақте ки шодии ӯро дидам, дилам қариб ки хонаашро тарк мекард. Вақте касеро дӯст медореду барояш тӯҳфа медиҳед, шодаш мекунед, бовар кунед, шодии шумо аз ӯ зиёдтар хоҳад шуд!

Дар зиндагии ман бо модарам лаҳзаҳои зиёде буданд, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Ман ҳоло ҳам чӣ гуна рӯи зонуҳояш нишаста, нақлашро дар бораи аввалин сафарам ба Лондон гӯш карданамро ба хотир меорам. Ӯ дар бораи кишвари ғайриоддӣ ва саргузаштҳои зиёде нақл мекард, ки пас аз фуруд омадан аз ҳавопаймои бузурги убуркунандаи укёнусҳое, ки чандин мил тӯл доштанд, метавонистам дучор шавам. Ҳайрон шудам, вақте шунидам, ки мо дар бинои баландошёнаи мамлакате иқомат хоҳем кард, ки иқлими он аз иқлими Дубай, ҷойе, ки мо дар шабҳои гарми тобистон болои бом мехобидем ва об пошида, худро салқин мекардем, фарқ мекунад.

Мо ҳеҷ гоҳ ҳайрат аз аввалин таҷрибаи омӯзандаи худ, кашфиёти аввал ё майл ба омӯзиши чизи навро фаромӯш намекунем. Ман ҳеҷ гоҳ суханони пуртаъсири модарамро фаромӯш нахоҳам кард.

Ман ҳеҷ гоҳ шаби бехобиро, пас аз он ки модарам дар бораи сафари аввалини пешбинишуда ба Лондон нақл кард, фаромӯш нахоҳам кард.

Соли 1959, як сол пас аз Ҳокими Дубай шудани падарам буд. Модарам барои ман пироҳани зебо ва ду кандураи нав (либоси дарози сафед, либоси миллии мо) харид. Ман аз ин дар курта намеғунҷидам. Ман аз он ки чаҳор кандура доштам, ҳаяҷонзада будам. Ӯ ба ман пешниҳод кард, ки ду кандураи кӯҳнаро ҳагоми сафарҳо бо аспу шутур пӯшам, бинобар ин ӯ онҳоро моҳирона кӯтоҳ кард. Ҳар чӣ маро хушбахт мекард, ӯро хушбахттар месохт.

Оё касе монанди ту буд, модар?

**(Давом дорад)**



*Бо бародаронам, шайх Мактум ва шайх Ҳамдан ибни Рашид Ал Мактум*

# ТУРКИСТОН НЕ, ВАРОРӮД!

**Дар ин мақола мухтасар ба маънои ҷуғрофии номвожаи “Туркистон” дар таърих пардохта мешавад ва ҳадафи аслӣ баён кардани нодурустии истифодаи он дар баробари номвожаҳои “Варорӯд”, “Варазрӯд”, «Фарорӯд», “Мовароуннаҳр”, «Байнаннаҳрайн», “Осиёи Миёна” ва “Осиёи Марказӣ” аст. Далелҳои боварбахш собит месозанд, ки Туркистон номи сохта ва ғайриилмии ин ҳудуд аст, ки ислоҳ мехоҳад.**




## ВАРОРӮД КУҶОСТ?

Варорӯд, чи тавре ки сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, заминҳои дусоҳили дарёи Ому (Ҷайҳун) аст. Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ Варорӯд бо номҳои Фарозрӯд, Фарорӯд, Варазрӯд низ зикр мешавад. Баъди ҳуҷуми арабҳо ва чира шудани онҳо дар ин ҳудуд Мовароуннаҳр гуфтани Варорӯд расм шуд. Яъне, он сӯйи наҳр. Дар асари донишманди намоёни асри XIV Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахчувонӣ “Сиҳоҳу-л-фурс”, ки аз зумраи луғатномаҳои арзишманд махсуб меёбад, Варорӯдро Мовароуннаҳр хонда, байтеро аз Фирдавсӣ меорад, ки чунин аст:

*Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,*
*Варорӯдро Мовароуннаҳр хон!*

## ЧАРО ОСИЁИ МАРКАЗӢ?

Бино ба гуфтаи таърихнигори номвар **Сайфуллоҳи Муллоҷон**, ибораи “Осиёи Марказӣ” ҳам сохтаву пардохтаи олимони хориҷӣ, аз ҷумла ҷуғрофиядонҳои Аврупост.

“Дусад сол қабл мо худро ҳеҷ гоҳ осиёӣ намегуфтем. Мо худро бо номҳои пешини ҷуғрофӣ, ба монанди варорӯдӣ, мовароуннаҳрӣ ё бо номҳои давлатҳои бузуртаре чун Бухорову Шумон мешинохтему муаррифӣ мешудем. Аммо, азбаски илми ҷуғрофияи муосирро аврупоиҳо асоснок ва қонунманд карданд, дар китобҳо бо салоҳдиди худ қаламравҳоро марзбандӣ ё номгузорӣ намуданд. Масалан, Осиёро чунин тақсим карданд: ҳудуди имрӯзаи Туркия ва атрофи онро гуфтанд Осиёи Сағир ё Хурд, Ҳиндустону атрофи онро Осиёи Ҷанубӣ ва Чину Ҷопонро Осиёи Шарқӣ номиданд (дар ин миён Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳам ҳаст). Осиёи Шимолиро Сибир гуфтанд.



Минтақае, ки мо ҳам шомили онем, Осиёи Миёна ном гирифт ва русҳо бештар истилоҳи “миёна”-ро роиҷ карданд. Ҳоло бо ҳамроҳ намудани Қазоқистон, истилоҳи Осиёи Марказӣ маъмул аст. Ҳамчунин, тавассути он мехоҳанд минтақаро васеътар ҷилва дода, Афғонистону Муғулистонро ҳам бахше аз Осиёи Марказӣ қаламдод созанд. Аз ин пайдост, ки дар илм сухани асосиро давлатҳое побарҷо мекунанд, ки қудрат ва расона доранд. Вақте қудрат доранд, бо салоҳдиди худ на танҳо ба ҳар гӯшаи дунё номи бофтаи худро мегузоранд, балки “бо иштиҳо” ба тақсими он мепардозанд”,- мегӯяд Сайфуллоҳи Муллоҷон.

## “ТУРКИСТОН” ДАР САРЧАШМАҲОИ ПЕШИН ВА МУОСИР

Пеш аз ҳама бояд донист, ки Туркистон имрӯз як шаҳри калоне дар ҷануби Қазоқистон аст.

Аз байти “Тарсам, нарасӣ ба Каъба, эй аъробӣ, К-ин раҳ, ки ту меравӣ, ба Туркистон аст”-и Саъдӣ пайдост, ки паҳн шудани ин номвожа ба чира шудани туркҳо дар ҳудуди Варорӯд вобаста аст. Баъди давлатдории Сомониён, тоҷик на танҳо аз тахт уфтод, балки аз ҷойгоҳ низ кам-кам маҳрум гардид. Аз сарчашмаҳо маълум аст, ки ҳама ҳаводис дар ҳазорсолаи оянда ба номи турк мерасид ва қавму қабилаҳои туркӣ дар чилд-чилди сарзаминҳои мо маъво гирифта буд. Вақте ҳама ҳаводиси таърихӣ бо номи давлатҳои туркӣ, ба монанди Ғазнавиён, Салҷукиён, Қарахониён, Хоразмшоҳиён сабт гардид, рафта-рафта Варорӯдро Туркистон гуфтан одат шуд (ҳарчанд дар мағзи ин давлатҳо фарҳангу забони тоҷикии порсӣ реша дошт). Ин одат ба баъзе номаҳои таърихӣ ва ба шеъру навиштаҳои адибони он замон ҳам кӯчид.

Ҳамин тавр, бе ягон пажӯҳиши ҷуғрофӣ ва асосҳои илмиву сиёсӣ дар замони Русияи подшоҳӣ Мовароуннаҳр Туркистон шуд ва чунин тасаввуроте пайдо гардид, ки гӯё ҳамаи Варорӯд дар зери султаи як давлате бо номи Туркистон муттаҳид аст.

“Туркистон” навиштани Варорӯд дар сарчашмаҳо идома ёфтан гирифт ва ҳатто Шиблии Нуъмонӣ дар китоби маъруфаш “Шеър-ул-Аҷам” (1908), ки бо забони урду иншо шудааст, шоирону мутафаккирони Варорӯдро туркистонӣ менависад.

Моро ҳатто “дӯстони туркистонӣ” гуфтан мӯд шуд. Саид Нафисӣ, яке аз саршиносони адабу фарҳанги Эрон, баъди хондани “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ, онро бо ифодаи “туҳфаи дӯстони туркистонии мо” меситояд.

Шоиру андешмандони тоҷик, забони осорашон тоҷикии порсӣ, китобашон тоҷикӣ, шаҳру вилоят ҳама тоҷикнишину номҳои ҷуғрофияшон тоҷикӣ, аммо худро туркистонӣ ба қалам медоданд.

Дар бораи чӣ гуна Туркистон шудани Осиёи Марказӣ андешаҳои доктори илмҳои таърих Сайфуллоҳи Муллоҷон хеле ҷолиб аст: “Вақте русҳо аз самти Дашти Қипчоқ - Қазоқистон ба Осиёи Марказӣ наздик мешаванд ва ҳар киро вомехӯранду огоҳ мешаванд, ки турк аст. Аз он давр оғоз мешавад Туркистон гуфтани Мовароуннаҳр. Дар илм истилоҳе ҳаст бо номи анахронизм. Дар он як паём ё чизи нодуруст ба ҷойи чизи дуруст ҷо меуфтад ва рафта-рафта мавриди истифода қарор мегирад. Масалан, ҳамин шафтолуро олами Ғарб бо номи “персик” қабул кард, дар ҳоле ки он аз Ҳиндустон тавассути Эрон ба онҳо расид ва онҳо гуфтанд, ки “персик”, яъне бархоста аз Порс. Паҳлуи дигари масъала: мо, мардумони бумии Осиёи Марказӣ, дар қудрати сиёсӣ набудем. Шурӯъ аз асри 17 аз воҳаҳо танг карда, ба кӯҳистон рондани тоҷикон дида мешавад ва медонем, ки ҳар кӣ ин ҷо меомад, медид, ки роҳбарон бештар турконанд ва ин қаламравро аз худ медонанд. Ҳамин надоштани қудрат низ он замон сабаби тағйири номвожаҳо мешуданд. Айнан ҳамин гуна сарнавиштро дар номи сохтаи “Афғонистон” низ мебинем, ки аслан Хуросон аст”.

- Донишманди воқеӣ, новобаста аз он ки намояндаи кадом миллат аст, агар виҷдон дорад ва дар баробари ҳақиқатҳои илмӣ масхара шудани худро намехоҳад, ҳеҷ гоҳ барои хушҳол кардани қавми худ, хушҳол кардани сиёсатҳо ин сарзаминро дар осори пажӯҳишӣ Туркистон намегӯяд. Туркистон аз қаламрави Осиёи Марказӣ берун аст,- хулоса кард Сайфуллоҳи Муллоҷон.

## САРЧАШМАҲОИ САҲЕҲ ҲАМ ҲАСТАНД

Аз хондани китоби Вамбери “История Бохары или Трансоксании с древнейших времён до настоящего” (Санкт-Петербург, 1873) мефаҳмем, ки ин қаламравро Трансоксания - соҳили дарёи Оксу низ гуфтаанд, ки дуруст аст.

(Давомаш дар саҳ. 14)



# «ХОҶАОБИГАРМ» РАНГ БИНУ ҲОЛ ПУРС!

Агар сардии ҳуҷра, зардеворҳои дарида, дару деворҳои валангор, таомҳои "хуб"-и ошхона ва ғайраро ба инобат нагирем, шароит дар “Хоҷа Обигарм” умуман хуб аст. Дар сурат: Вазъи роҳраве, ки меҳмононро ҳар рӯз се вақт ба сӯи ошхона мебарад.

**Холиқназар Ҷумъазода, журналист**







# ҶАЗО БАРОИ БАДАХЛОҚӢ

**Як шаҳрванди Тоҷикистон бо гумони амалҳои бадахлоқона нисбати як ҳамватани худ дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон боздошт ва ба кишвар истирдод шуд.**



Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон аз боздоштшуда Нусратулло Давлатови 30-сола, сокини ноҳияи Ҷ. Балхӣ ном бурд. Ӯ амалҳои бадахлоконаро нисбати як ҷавони 26-солаи ҳамин ноҳия анҷом дода, ба навор гирифтааст ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудааст.

Нисбати гумонбаршаванда бо моддаи 334 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, тафтишот идома дорад.

Ин банди қонунгузорӣ ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо (то 14 ҳазору 400 сомонӣ), ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо муқаррар кардааст.

Ёдовар мешавем, ки чанде пеш дар сегменти тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн гардид, ки як мард аз як ҷавон маблағҳои қарзашро мепурсад ва нисбаташ амалҳои бадахлоқона мекунад.



**Як мардро дар Душанбе барои дуздии беш аз 350 ҳазор сомонӣ аз мағоза боздошт кардаанд. Дар ин бора Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе хабар дода, навиштааст, ки боздоштшуда Сафаров Рустам, сокини пойтахт аст.**

Ин нафар рӯзи 5-уми ноябр аз як мағозае дар кӯчаи Карин Мани пойтахт 220 ҳазор сомонӣ ва 13 ҳазору 700 долларро дуздидааст. Баъди боздошт мақомот аз ӯ як қисми ин маблағро дарёфт ва мусодира кардаанд. Феълан алайҳи Сафаров бо иттиҳоми дуздӣ парванда боз шудааст. Ӯро аз 8 то 12 соли зиндон таҳдид мекунад.

# 8 СОЛ БАРОИ ЛАТУКӮБИ ҲАМСАРУ ФАРЗАНД



**Суди ноҳияи Хуросон як сокини ин ноҳияро барои латукӯби ҳамсар ва фарзанди семоҳааш 8 сол равонаи зиндон кардааст. Дар ин бора сомонаи ин суд рӯзи 29-уми октябр хабар дода, навиштааст, ки ҳодиса 7-уми июли ҳамин сол рух додааст.**

Ба гуфтаи манбаъ, Алимов М. Г. дар ин рӯз дар ҳолати мастӣ ба хонааш, ки деҳаи Чорбоғи ҷамоати Садриддин Айнии ноҳия будааст, меравад ва бо ҳамсараш ҷанҷол мекунад. Гуфта мешавад, дар ин ҷанҷол мард ҳамсарашро латукӯб мекунад ва ин боиси зарари ҷисмонӣ дидани фарзанди навзодашон мешавад.

Манбаъ навиштааст, ки баъди ин ҳолат кӯдаки семоҳаро дар беморхонаи вилояти Хатлон бистарӣ кардаанд. Тибқи хулосаи тиббӣ-додгоҳӣ косахонаи сари ин навзод осеб дидааст, ки ин зарари вазнин ба саломатӣ ва хавфнок дониста мешавад.

Суди Хуросон Алимовро бо иттиҳоми қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатии ноболиғ (моддаи 110, қисми 2, банди "в" Кодекси ҷиноятӣ) гунаҳкор дониста, ӯро барои 8 сол ба зиндони низомаш пурзӯр маҳкум кардааст.

Ин бори аввал нест, ки ҳодисаи латукӯби ҳамсару фарзандон дар ҳолати мастии марди хонадон ва боздошту зиндонии ӯ расонаӣ мешавад. Қаблан низ мақомот дар ҳодисаҳои мушобеҳ ба ин чандин нафарро боздошт карда буданд.

Аз ҷумла, чанде пеш пулиси Душанбе як мардро бо гумони куштори фарзанди дусолааш боздошт ва бар зидди ӯ парвандаи ҷиноятӣ боз карда буд.

Мақомот гуфта буданд, ки гумонбаршуда рӯзи 14-уми сентябри соли равон вақте дар ҳолати мастӣ ба хонааш меояд, гиряву фиғони духтарчааш ӯро асабӣ мекунад. Ӯ тоқат накарда, аввал ҳамсарашро латукӯб карда, пасон духтарчаашро бо тасма мезанад ва дар охир ӯро бӯғӣ карда мекушад.

Пулис бар зидди ин мард бо моддаи 104 (одамкушӣ бо бераҳмии махсус)-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз карда буд. Ин банди қонун аз 15 то 25 соли зиндон ва ё ҳабси абадро пешбинӣ мекунад. Аммо дигар мақомот хабар надоданд, ки баҳси ин қазия то куҷо расидааст.



**Давоми даҳ моҳи соли ҷорӣ шуъбаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Вахш беш аз 100 нафарро ҷарима кардааст. Миёни нафарони ҷаримашуда шахсони масъул ҳам ҳастанд.**

Шомиддин Сайдализода, мудири шуъбаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Вахш дар суҳбат ба Pressa.tj гуфт, ки ҷарима дар маҷмӯъ 22 ҳазору 896 сомониро ташкил медиҳад. Ӯ мегӯяд, шахсони масъули ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва мақомоти маҳаллӣ барои саривақт накашидану безарар накардани партов ҷарима шудаанд.

# «БЕШАҲРВАНДОН»-И ТОҶИКИСТОН

**То нимаи аввали соли 2024 дар Тоҷикистон 3 ҳазору 629 шахси бешаҳрванд ва 10 ҳазору 381 гуреза шахси паноҳҷӯ ба қайд гирифта шудааст. Дар ин бора Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо (UNHCR) хабар додааст.**



Манбаъ гуфтааст, ки аксари шахсони бешаҳрванд собиқ шаҳрвандони Иттиҳоди Шӯравӣ ё хешу табори онҳо мебошанд, ки ҳанӯз шаҳрвандии давлатҳои мустақилро дарёфт накардаанд.

"Бе доштани шаҳрвандӣ, дастрасӣ ба ҳуқуқ ва хизматрасониҳои асосӣ, аз ҷумла таҳсил, тандурустӣ ва шуғл барои онҳо (шахсони бешаҳрванд дар назар аст,- идора) душвор мебошад",- гуфтааст ин ниҳоди байналмилалӣ.

Зимнан, Комиссари олии СММ соли 2015 гуфта буд, наздик ба 42 ҳазор сокини Тоҷикистон шиноснома надоранд ё бо шиносномаҳое ба умр сар мебаранд, ки мӯҳлати эътиборашон гузаштааст.

Дар ҳамин ҳол, хабаргузории "Фарғона" бо такя ба иттилои дафтари Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо (UNHCR) дар Осиёи Марказӣ навиштааст, ки дар 10 соли охир шумораи шахсони бешаҳрванд дар кишварҳои минтақа 7 маротиба коҳиш ёфтааст.

Бар пояи ин маълумот, дар соли 2014, вақте ки маъракаи ҷаҳонии «IBelong» («Ман тааллуқ дорам») оғоз шуд, 252,2 ҳазор шахси бешаҳрванд дар тамоми Осиёи Марказӣ сабт шуда буд. Ба ҳолати 30-юми октябри соли ҷорӣ ин нишондиҳанда дар минтақа то 34,2 ҳазор коҳиш ёфтааст.

Бештари онҳое, ки бе шиноснома умр ба сар мебаранд, дар Ӯзбекистон ба қайд гирифта шудаанд. Дар он ҷо 22,4 ҳазор шахси бешаҳрванд мавҷуд аст.

Баъд аз он Қазоқистон аст, ки дар он ҷо 7,4 ҳазор шахс бе шаҳрвандӣ аст.

Ба иттилои ин ниҳод, Қирғизистон ва Туркманистон бешаҳрвандиро пурра "решакан" кардаанд. Бар пояи гузориши UNHCR, Қирғизистон ҳанӯз дар соли 2019 аввалин кишвари ҷаҳон гардид, ки дар он шахсони бешаҳрванд умр ба сар намебаранд.

Дар бораи чунин дастовард мақомоти Туркманистон дар миёнаҳои моҳи октябри соли ҷорӣ хабар дода буданд.



**Дар шаҳри Душанбе як марди 30-сола бо гумони латукӯби ронандаи автобус дастгир шудааст. Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе хабар медиҳад, ки ҳодиса 29-уми октябр дар назди Маркази савдои "Кӯшониён" рух дод.**

Нисбати Самиев С. бо гумони авбошӣ тибқи талаботи моддаи 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, тафтишот идома дорад. Ин банди қонунгузорӣ ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо (як нишондиҳанда 72 сомонӣ) ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо муқаррар кардааст.

# ШУЛУКДАРМОНӢ

## Он ба киҳо тавсия дода мешавад?

**Табибон баъзе бемориҳоро бо шулук табобат мекунанд ва инро дар тиб гирудотерапия (истифодаи шулукҳои тиббӣ барои табобат) мегӯянд.**



Шулукдармонӣ ба кӣ тавсия дода мешавад?

1. Ба беморони пӯст - (хориш), псориаз (кӯтур), аллергия, рехтани мӯйи сар, сабӯсак, экзема.
2. Ба бемориҳои занона - (безурётӣ, сироятҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, эрозияи гарданаи бачадон).
3. Ба бемориҳои ЛОР (тонзиллит (илтиҳоби бодомакҳо), отит (илтиҳоби гӯш).
4. Дар кардиология (гипертония - фишори баланди хун, инфаркти миокард).
5. Дар ревматология (тарбод, артрит (илтиҳоби буғумҳо).
6. Дар асабшиносӣ (неврит (илтиҳоби периферии асаб), парез (нимфалия - андаке гум шудани ҳаракат дар қисми фалаҷшудаи бадан).

Сеансҳои муолиҷаи шулукӣ дар ҳолатҳои интиқоли хун (коагулятсия), вақте ки варамҳо (омосҳо) дар бадан мушоҳида мешаванд, инчунин ҳангоми ҳомиладорӣ бекор карда мешаванд.

# 5 МАҲСУЛОТЕ, КИ ХОЛЕСТЕРИНРО ПАСТ МЕКУНАНД

1. Каду аз ҷисм захру ифлосиҳоро, аз қабили холестерини зиёдатӣ, берун месозад. Ҳамзамон он кори рӯдаву меъдаро ба эътидол медарорад.
2. Тухми зағир равғани зиёдатӣ ва холестеринро дар узвҳои ҳозима ҷудо мекунад. Селени таркиби тухми зағир миқдори холестерини зарарнокро кам ва холестерини муфидро зиёд мекунад.
3. Ровони сиёҳ (черноплодная рябина) рагҳои хунгардро қавӣ ва кори ҷигарро беҳтар месозад, ки дар натиҷа сатҳи холестерин дар ҷисм паст мегардад.
4. Лӯбиё бо шарофати миқдори зиёди бофтаи нахдор доштанаш холестерини зарарнокро аз ҷисм берун месозад.
5. Чой ё гиёҳхоб аз настаран (шиповник) барои нафароне тавсия дода мешавад, ки холестерини баланд доранд. Чой аз настаран кори ҷигарро хуб ва масуниятро баланд мегардонад.



# ШАЛҒАМ – ДАВОИ ШАМОЛХӮРӢ

**Шалғам бемориҳои зиёдро шифо мебахшад. Дар таркибаш қанд, намакҳои минералӣ, B1, B2, B6, каротин, кислотаи пантенон, сафеда, обҳои карбон, инчунин, калий, калсий, оҳан, фосфор, натрий барин моддаҳо ҳастанд.**

Шалғами дар об ҷӯшонидашуда барои табобати шамолхӯрӣ воситаи хубест. Онро бо гӯшт пухта, истеъмол намоянд, дарди гулӯро рафъ месозад.



Барги шалғам хусусияти пешобронӣ дорад. Барои ин даҳ грамм баргро дар сад грамм об дам кардан лозим. Барои аз шалғам тайёр кардани доруи универсалӣ ба болои ду қошуқ шалғами майдакарда як истакон оби ҷӯш андохта, дар давоми понздаҳ дақиқа ҷӯшонидан лозим. Аз он рӯзе ба миқдори чоряки истакон истеъмол кардан лозим. Як истакони чунин маҳлул пеш аз хоб истеъмол шавад, вазифаи доруи оромкуниро ба ҷо меорад. Бо он даҳонро ғарғара намоянд, дарди гулӯ ва дандонро сабук месозад.

Истеъмоли шалғами пухта ва хом ба чашм фоидаовар аст, роҳи нафасро беҳ мекунад, ба безобитакунии дил малҳами хуб мебошад. Шарбати бо асал омехташудаи он сулфаро даво мекунад. Ҳангоми баландравии ҳарорати бадан, дарди гулӯ фоида мекунад.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Дар давоми ҳафта табъатон гирифтаву маъюс мегардед. Дар ин рӯзҳо ба шумо монеа эҷод мекунанд, аз ин рӯ, бо нафарони бадкирдор робита накунед. Ба ҳеҷ ваҷҳ ба қаҳру ғазаб роҳ надиҳед ва аз тамоми ҳодисаву рӯйдод худро канор гиред.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Рӯзҳои наздик ҳатман истироҳат кунед. Кори худро ба вақти номуайян ба таъхир нагузоред, беҳтараш ҳарчи бештар ба анҷом расонед. Он гоҳ истироҳат низ бофароғат мегузарад. Зимни робита бо нафароне, ки ба наздикӣ шинос шудаед, хушёриро пеша намоед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафтаи хубест барои дастгирӣ намудани атрофиён. Агар имкон дошта бошед, бештар некӣ кунед. Ҳар амали неке, ки шумо ба анҷом мерасонед, рӯзе ҳатман посухашро мебинед. Аз пайи рафъ намудани мушкилоту мочарои оилавӣ шуданатон лозим аст.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар ин ҳафта эҳтимоли чароҳат бардоштанатон зиёд аст, аз ин рӯ, гаштугузор намудан дар чойҳои серодам тавсия дода намешавад. Дар нуктаи назари худ истодагарӣ накунед, беҳтарин амали шумо ба хоҳиши нафари дигар ҳамӯшона розӣ шудан аст.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ҳафта барои таваккал кардану ба корҳои мушкил даст задан созгор аст. Аз уҳдаи тамоми мушкилиҳо баромада метавонед. Вазъи молиявӣ рӯзҳои наздик ба эътидол меояд.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Маблағи худро захира намоед ё сарчашмаи нави даромади пулӣ пайдо намоед. Эҳтимол рӯзҳои наздик кори худро аз даст медиҳед, ба ин ҳолат омода бошед ва роҳи аз вазъияти душвор баромаданро пешакӣ фикр кунед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар давоми ҳафта фаъолу боғайрат буданатон лозим аст. Агар аз тахти дил кор кунед, дар зинаҳои мансаб боло меравед. Бештар табассум намуда, ба гапи атрофиён гӯш андозед, он гоҳ коратон пеш меравад.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Дар давоми ҳафта коре карда, ба муноқишаву нофаҳмӣ роҳ надиҳед. Робитаи худро бо нафаре, ки бароятон даркор аст, канда насозед. Нисбати дӯстдоштаи худ каме таваҷҷуҳ намоед, вақтҳои охир шумо хеле сарду бемеҳр шудаед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Рӯзҳои наздик дар ягон ҳуҷҷати муҳим имзо гузоштанро тавсия намедиҳем. Бо коре машғул шавед, ки чанд муддат онро ба таъхир мегузоштед. Дар масъалаҳои молиявӣ беҳбудӣ дида мешавад. Бурдбориҳои нав ба нав шуморо бо нафарони даркорӣ шинос мекунад.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Дар ин ҳафта саломатии хушу табъи болида кафолат дода мешавад. Ҷасурона аз пайи кори дилхоҳатон шавед, вале нақшаҳои худро ба ҳамкорон фош насозед, на ҳама нисбати шумо назари нек доранд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Дар давоми ҳафта ба чашму маъракаҳои зиёде даъватӣ мешавед. Тамоми корҳои муҳим аз кордониву корчалонии шумо вобастагӣ дорад. Ҳафта барои харидани хонаи нав, иваз намудани ҷои зист, фурӯши хона бобарор аст.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Зодагони мучали хут дар давоми ҳафта ба баъзе корҳои беаклона даст мезананд. Худро ба даст гирифта, ба эҳсосот дода нашавед. Наздикон дар тамоми пастиву баландии ҳаёт шуморо танҳо намегузоранд. Эътимоди онҳо шуморо болу пар мебахшад.

# АБДУЛҚОДИРЗОДА

## - чеҳраи нави ҳафта

**Чеҳраи нави ҳафтаи равон Абдухолиқ Абдулқодирзода - писари муфтии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода буд, ки ба ҷойи падар дар Масҷиди ҷомеи ба номи Ҳоҷӣ Яъқуб мавъиза гуфт.**



Дар наворе, ки Маркази исломии Тоҷикистон дар "Ютуб" нашр кард, дида мешавад, ки Абдухолиқ Абдулқодирзода, имоми Масҷиди ҷомеи ба номи Ҳоҷӣ Яъқуб ба ҷойи падараш Саидмукаррам Абдулқодирзода, раиси Шӯрои уламо ё муфтии Тоҷикистон дар намози ҷумъаи 8-уми ноябр мавъиза мекунад.

Ин навор дар ҷомеаи Тоҷикистон сарусадоҳои зиёдеро ба бор овард. Дере нагузашта Кумитаи дин мавъизаи писари раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон ба ҷойи падараш дар намози ҷумъаи гузаштаро шарҳ дод.

Аз Кумитаи дин гуфтанд, ки таҷрибаи мавъиза ё амри маъруф ба ҷойи як имоми дигар дар масоҷиди Тоҷикистон роиҷ аст.

"Дар сохторҳои масоҷиди ҷомеъ дар баробари имомхатиб, имомон низ фаъолият мекунанд, ки аксаран намозҳои панҷвақтаро имоматӣ мекунанд. Абдухолиқ Абдулқодирзода низ имоми ҳамин масҷид аст",- гуфт манбаъ.

Манбаъ афзуд, имомоне, ки донишу фаҳмиш ва нутқи хуб доранд, ҳамчунин метавонанд ба ҷойи имомхатиб мавъиза ё амри маъруфи намозҳои ҷумъаро низ анҷом диҳанд.

"Ҳафтаи гузашта худи муфтӣ намози ҷумъаро имоматӣ карданд ва писарашон мавъизаро анҷом доданд. Ин таҷриба дар тамоми масоҷиди ҷомеъи дигар низ дида мешавад",- гуфт манбаъ.

Дар наворе, ки Маркази исломии Тоҷикистон нашр кард, Абдухолиқ Абдулқодирзода дар минбари Масҷиди ҷомеи ба номи Ҳоҷӣ Яъқуб, ки масҷиди марказии Тоҷикистон аст, дар бораи муҳоҷирони меҳнатӣ суҳбат карда, аз онҳо даъват мекунад, ки ба ҳизбу гурӯҳҳои ифротӣ напайванданд ва ба фаъолиятҳои ифротӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ нашаванд.

# МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ

**(Аввалаш дар саҳ. 7)**

Аз корманди полис чанд маротиба сабаби тӯлонӣ нигоҳ доштани муҳоҷиронро пурсидам, вале эътибор намедод. Гӯё ба гӯши кар азон мегуфтем.

Телефонро хостам ба вайфайи фурудгоҳ пайваст кунам. Аммо, нашуд, зеро рақами телефони Русия лозим будааст. Аз телефони ҳамватане, ки дар паҳлуям менишаст, ба масъули даъвату пешвоз Кристина Кабанова занг задам. Ҳолатро ба ӯ гуфтам. Кристина гуфт, ки ҷойи ташвиш нест, ҳоло шиносномаҳоро тафтиш мекунанд ва зуд ҷавоб медиҳанд. Барояш гуфтам, ки қариб 2 соат интизорем, аммо ҷавоб намедиҳанд. Инро шуниду дар ҳайрат монд. Зеро шояд ӯ дар аввал гумон карда буд, ки чанд дақиқа аст, ки дар фурудгоҳ мунтазирем.

Боз чанд лаҳза гузашту Кристина занг зад:

- Усмон, нороҳат нашав. Дирӯз аз Озарбойҷон ҳам ҳамкасбон омаданд, қариб 2 соат дар фурудгоҳ монданд. Чунки талаботи низоми тафтиши шиносnома чунин аст. Ҳоло туро ҳам ҷавоб медиҳанд,- гуфт ӯ.

Хуб гуфтаму боз дар курсӣ нишаста, дар қатори дигарон интизорӣ мекашидаму бо муҳҷирони тоҷик ҳамсуҳбат мешудам. Соат аз 3 ҳам гузашт, дараке аз ҷавоби мо набуд.

Кристина боз занг зад. Маълум буд, ки ӯ ҳам баробари ман хоб надошту аз чунин муносибати кормандони полис мушавваш.

- Усмон, ҳоло ҳам дар фурудгоҳ ҳастӣ? Набошад, ба вайфай пайваст шав. Бароят аз телефони худам коди вайфайро медиҳам, то зиқ нашавӣ ва дар иртибот бошем,- гуфт телефонӣ.

Ниҳоят, бо рақами телефони Кристина ба вайфайи фурудгоҳ пайваст шудам. Соат ба 4-и саҳар наздик мешуд. Кристина боз занг зад:

- Усмон, шароити нӯшидани чой, қаҳва ё ягон чӣ хӯрданӣ ҳаст?

Дар ҷавоб гуфтам, ки дар ин маврид нороҳат набошад, беҳтараш бо кормандони фурудгоҳ тамос гирад ва зудтар ҷавоб диҳанд, вагарна ба форум дер хоҳем кард. Баъди чанд лаҳза дар тамос шуд ва гуфт, ки занг задааст, ҳоло ҳам тафтиши шаҳрвандон идома дорад.

Мушоҳида кардам, ки тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон дар фурудгоҳ гӯё аз сӯзани кормандони полис мегузаштанд. Бо навбат ба кабина даъват мешуданд, бозпурсӣ ва телефонҳояшонро тафтиш мекарданд. Назди дари утоқи полиси дигаре бори дигар худро муаррифӣ кардаму талаби шиносnома ва зудтар ҷавоб доданро намудам. Ӯ болои мизашро ҷустуҷӯ кард, шиносномаам пайдо нашуд. Лаҳзае пас аз дохили утоқ корманди дигари полис номамро гирифт. Маълум буд, ки занги телефон аз РИА "Новости" бароям таъсир кардааст. Ӯ гуфт:

- Журналист? Чаро пештар нагуфтӣ?

- Чанд бор муроҷиат кардам, аммо кормандони шумо эътибор надоданд,- гуфтам ба ӯ.

Маълум буд, ки ӯ аз чунин ранг гирифтани ҳолат нороҳат аст. Шиносномаро баъди азназаргузаронӣ доду маро ҷониби ғурфаи тафтиш фиристод. Ман аз фурудгоҳ тақрибан баъди қариб 5 соати интизориву фишор болои муҳоҷирон берун баромадам. Аммо ҳамоно муҳоҷирони бечораи мо бозпурсӣ мешуданду дар дохили фурудгоҳ интизорӣ мекашиданд. Ҳол он ки, то ин замон чанд ҳавопаймо фуруд омаду садҳо мусофир баъди назорат берун баромаданд.

Вақте ки ба нуқтаи назоратӣ баромадам, бағоҷҳо дар рӯи замин парешон партофта шудаанд. Бо азобе сумкаамро пайдо кардам ва ҳамагӣ пас аз 1 соат тавассути таксии фармоишдодаи РИА "Новости" ба меҳмонхона расидам. Тақрибан 2 соат сарамро ба болин гузоштаму аз хоб сер нашуда, ба макони форум шитофтам (маводро атрофи форум дар шумораиояндаи рӯзнома мутолиа намоед,- У. Р).

### БОЗГАШТ

Рӯзи дигар тавассути фурудгоҳи Жуковский ба Душанбе омадам. Муҳоҷирон хурсанд, мисле, ки аз ягон асорат халос шуда бошанд. Муносибати кормандони назоратии фурудгоҳ низ нарм аст. Фақат гулдастае намерасид, ки ба мусофирон диҳанд. Аммо он рӯз дар хатсайри парвозкардаи мо тақрибан 30 нафарро аз фурудгоҳи Москва бозпас гардонидаанд. Аз суҳбат маълум шуд, ки онҳо ду рӯз дар фурудгоҳ шароити душворро паси сар кардаанд. Эҳтимол онҳо депорт шудаанд.

Як мушоҳида ва ҳолати вокеӣ дар фурудгоҳи Русия буд, ки бо чашми худ дидам. Мушкилоти дигар, фишор болои муҳоҷирони тоҷик зиёданд. Магар ҳамин аст муносибати шарики стратегӣ - Русия ба шаҳрвандони Тоҷикистон? То кай вазъ чунин идома меёбад ва ҳар лаҳза таъқибу таҳқирро нисбат ба муҳоҷирони тоҷик мебинем?

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**Душанбе-Москва-Душанбе**

## МАВЛУДНОМА

**14 НОЯБР**

Фарҳод Исомиддинов (1944), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

Иван Очинский (1914-1988), 110-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Тоҷиддин Раҷабов (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Аваз Раҳимов (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Файз Урозов (1914-1988), 110-солагии зодрӯзи журналист.

**15 НОЯБР**

Нурмаҳмад Буров (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Кабуд Вазиров (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Мирҷумъа Ёқубов (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Ирина Зарифова (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Пирмаҳмад Нуров (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Григорий Паничкин (1929), 95-солагии зодрӯзи варзишгар, рекорддори ҷаҳон оид ба гашти спортӣ.

Наим Сангинов (1944-2011), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**16 НОЯБР**

Раҳим Масов (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, академики АМИ Тоҷикистон.

Тӯхта Почомуллоев (1939), 85-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Додоҷон Пӯлодов (1924-1987), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Садриддин Хайриддинов (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Роҳат Ҳакимова (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**17 НОЯБР**

Симхо Генис (1939), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Григорий Домишлинетс (1919-1996), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи ботаника.

Комил Мирзоев (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми физика ва математика, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаидавлатии ба номи Ибни Сино.

Сурайё Субҳонқулова (1964), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

**18 НОЯБР**

Боймурод Алиев (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Николай Жогин (1914-1987), 110-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Низомиддин Суҳайлӣ (1444-1502), 580-солагии зодрӯзи шоир.

**19 НОЯБР**

Носирҷон Азизов (1939), 85-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Холиқбердӣ Шамсиев (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Саттор (1949), 75-солагии зодрӯзи овозхони эронӣ (муқими Амрико).

Василий Эберман (1899-1937), 25-солагии зодрӯзи адабиётшиноси рус, муҳаққиқи шеъри форсӣ.

**20 НОЯБР**

Абдураҳимзода Қурбоналӣ Бозор (Бӯриев) (1964), 60-солагии зодрӯзи

номзади илми таърих, олими соҳаи китобдорӣ (библиография).

Азизи Ваҳҳоб (1954), 70-солагии зодрӯзи сароянда.

Боғӣ Ёдгорова (1914-1995), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A04218115, ба номи Ибодуллоева Санавбар Аъзамовна, ки санаи 26.05.2022 аз ШВКД ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ тахти феҳристи №8Ш-2041, аз санаи 04.05.2012, аз номи Эргашев Вали Обидҷонович ба номи Эргашев Ганибой Обидҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Ҳувайдуллоев, хонаи 210/3, ки дар Нотариуси калони давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ "Хостан - АФС", РМА: 030012127, РЯМ: 0310006428, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0268361, рақами қайд 8602, ба номи Раҳмонова Мадина Воҳидовна, ки соли 2021 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами инвентарӣ 174780, ба номи Эргашев Ганибой Обидҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, хонаи 210/3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТВ-I №043919, рақами қайд 3570 ба номи Садрединова Хуршеда Файзидиновна, ки соли 1991 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ, №71, ба номи Пармонов Раҷабалӣ, ки соли 2024 аз ДБССТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Ражабали», РЯМ: 3330016232, РМА: 335110105, ба номи Донияров Носир Туматович беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Аҳроров Усмон Асрорович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи С. Носир 59, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №79067, аз 15.12.2022, ба номи Абдуллаева Ибодат Махсидиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/7, утоқи 54, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №115033, аз 06.05.2024 ба номи Эргашев Ганибой Обидҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, хонаи 210/5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Парвандаи заминсозӣ, №1489, аз 01.05.2024 дар бораи барасмиятдарории қитъаи замини хонаи истиқоматӣ ба номи Эргашев Ганибой Обидҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, хонаи 210/3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Ибрагимов Исроил, РЯМ: 0730098802, РМА: 165113161, ки аз санаи 20.08.2014 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ №0175807, рақами қайд 1708, ба номи Искандаров Аюб Махмудович, ки соли 2023 аз ҷониби Литсейи касбии алоқа дар шаҳри Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 А №152628 ба номи Заруба Оксана Анатольевна, соли таҳсил 1990-1991, ки аз МТМУ №21, ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №16337, ки аз санаи 31.08.2020, ба номи Тешабаев Анварҷон Эргашалиевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Россия дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Муассисаи "Таҳсилоти умумии асосии 80", РЯМ: 0710010996, РМА: 070018000, ки аз 28.13.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Филиали ҶДММ "Салоса", РМА: 150005068, дар ноҳияи Варзоб бо сабаби фурӯши моликият ба ҶДММ "Муҳаммад-2014", РМА: 040046760, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Бахриддин", РЯМ: 0710000968, РМА: 070002155, аз 14.02.2010 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Хостан-АФС", РМА: 030012127, РЯМ: 0310006428, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# ТУРКИСТОН НЕ, ВАРОРӮД!

**(Аввалаш дар саҳ. 10)**

Муддате Осиёи Марказиро "Татария" ва ё "Тартария" (макони тоторҳо) гуфтан расм шуда буд. Егор Мейендорф дар китоби "Саёҳат аз Оренбург ба Бухоро" (2023) пешниҳод мекунад, ки ҳудуди Варорӯдро на «Татария», балки «Осиёи Миёна» номем ва ин аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ бештар дақиқ ва мувофиқ аст.

Устод Садриддин Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" (соли 1926) Мовароуннаҳр ва як бахши он - Бухороро низ аз Туркистон ҷудо зикр мекунад.



Ҳанӯз соли 1995 **Муҳаммад Осимӣ** дар ҷаридаи "Овози тоҷик" дар доираи "Анҷумани фарҳангии Мардумони Осиёи Марказӣ", ки бо номи "Туркистон - хонаи умумии мо" мегузашту бо пофишории як гурӯҳ андешамандони тоҷик номаш иваз шуд, навишта буд: "Нимем зи обу гил, нимем зи ҷону дил, Нимем зи Туркистон, нимем зи Фарғона". Маълум мешавад, ки дар замони Мавлои Рум (асри XIII) водии Фарғона ба Туркистон тааллуқ надоштааст. Пас аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ мафҳуми Туркистон маънои васеъ пайдо кард ва серистеъмол шуд. Аммо дар ҳамон вақт ҳам мафҳуми Туркистон қисми зиёди Осиёи Миёнаро дар бар намегирифт. Аморати Бухоро, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ, ки имрӯз аз се ду ҳиссаи хоки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ба Туркистон дохил намешуд. Туркманистони имрӯза ҳам аз қаламрави Туркистон берун буд. Бинобар ин, мо - вакилони Тоҷикистон, пешниҳод намудем, ки ба ҷои мафҳуми духӯраи Туркистон мафҳуми васеътар ва ба ҳама мақбулу манзур ва фаҳмо, мафҳуми Осиёи Марказӣ қабул шавад".



Сиёсатшиноси тоҷик **Сайфулло Сафаров** мегӯяд: "Аз соли 1996 ин корро карданианд. Вале мо пеши ин корро ҳамон вақт гирифта будем. Нигаред ба шумораҳои рӯзномаи " Овози тоҷик". Аз ҳайати ба Тошканд рафта устодон Осимӣ, Масов, Исмоилов аз ҷаҳон рафтанд ва шукр, ҳоло устодон Аскар Ҳаким, Абдулҳамид Самад, Ҳақназар Ғоиб ва Тоҷиддин Мардонӣ ҳастанд. Он вақт исбот карда будем, ки ҷанубу ғарби Ӯзбекистон, ҷануби Тоҷикистон ва Туркманистону Афғонистон ба Туркистон ҳеҷ вақт дохил набудаанд".

Ба пешинаи ин масъала таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки Анҷумани фарҳангии Мардумони Осиёи Марказӣ дар солҳои 90-уми асри XX аз нахустин кӯшишҳои бесуд дар мавриди Туркистон кардани Осиёи Марказӣ набудааст. Бо ҳар баҳона турк нишон додани тоҷик ва ба чашми ҳақиқат хок пошидан сад сол пеш ҳам дар авҷ буд.

### ТУРКИСТОНСОЗИИ ЗАМОНИ НАВ

Ҳоло мавҷи нави Туркистонсозии Осиёи Марказӣ оғоз шудааст, ки дар саргаҳи он Туркия меистад. Оғоз аз моҳи октябри соли 2024 Вазорати маорифи миллии Туркия дар бораи ворид намудани тағйироти куллӣ ба барномаи таълимии фанни таърих эълон кард. Тибқи равиши нав, истилоҳи "Осиёи Марказӣ" ба "Туркистон" иваз мешавад.

### ИСЛОҲИ ХАТО АЗ ХУДАМОН БОЯД ОҒОЗ ШАВАД!

Имрӯз замони ислоҳи хатоҳо фаро расидааст ва ислоҳро аз илми таърихи худ оғоз кунем, то ҷодаи оянда ба сӯи ҳавзаҳои бузургтари илмӣ ҳамвортар бошад. Бо вуҷуди он ки бо ин номвожа "Генерал-губернатори Туркистон", чандин асару рисолаҳо, китобҳо ва ҷаридаҳо чоп шудаанд, ислоҳ имкон дорад. Нерумандии ин ё он кишвар дар иқтисоду сиёсат ва бо масали "худам шоҳу табъам вазир" тағйир додани баъзе аз падидаҳои таърихӣ нисбӣ ва гузарост, аммо ҳақиқатҳои илмӣ дер ё зуд ҷойи худро меёбанд.

Федченко яке аз аввалин пажӯҳишгарони аврупоӣ буд, ки ба омӯзиши флора ва фаунаи Осиёи Марказӣ ибтидо гузошт. Натиҷаи заҳмати чандинсолаи экспедитсияи илмии ӯро ҳамсараш Олга Александровна пас аз марги ӯ соли 1875 бо номи "Путешествие в Туркестан" омода мекунад ва он соли 1950 дар Маскав нашр мешавад. Федченко дар китоби мазкур менависад: "Тоҷикон, ки ба нажоди эрониҳо тааллуқ доранд, сокинони нахустини кишвар мебошанд ва то имрӯз шакли худро нағз нигоҳ доштаанд".

Як гурӯҳ олимони мо, аз ҷумла, Насрулло Убайдулло ва тарҷумон Муҳаммадшариф Рустамзода ин асари Федченкоро аз русӣ пурра тарҷума карда, ба он "Сафари Варорӯд" ном ниҳоданд, ки шоистаи таҳсин аст. Ҳамин тавр, дар ҳама осори имрӯзу оянда интишормеёфта номи дурусти ин ҳудуд - Варорӯдро истифода барем, чи хуш аст.

### ПЕШНИҲОДҲОИ МУШАХХАС

1. Ривоҷ додану паҳн кардани номи тоҷикиву бостонии ин ҳудуд - Варорӯд дар осори пажӯҳишгарон;
2. Омӯзиши жарфтари масъалаи таърихи Осиёи Марказӣ дар қиёс ба ҳудуди таърихии Варорӯд ё ҳамон Мовароуннаҳр;
3. Омӯзиши ҳама сарчашмаҳо, ки бо номвожаи Туркистон чоп ва паҳн мешуданд. Фаротар рафтан аз масъалаи матбуоти тоҷик дар мисоли "Бухорои Шариф" ва омӯзиши амиқи ҷаридаҳои "Туркестанские ведомости", "Туркистон", «Садои Туркистон», "Туркистон вилоятининг газетаси", "Туркестанская туземная газета";
4. Омӯхтан ва иншои рисолаи бунёдӣ дар бораи "Маҷмуаи Туркистон" ("Туркестанский сборник" дар 549 ҷилд);
5. Минбар ҷудо кардани Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашриёҳои давлатӣ барои пажӯҳишгарону таърихнигорон бахри баррасии масъалаҳои мазкур.

**Б. Салимзода, пажӯҳишгар**

САМБО

# ДУ НИШОНИ БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Паҳлавонони тоҷик Сорбон Латипов дар вазни 64 кг ва Шоҳрух Назаров дар вазни 79 кг дар Чемпионати ҷаҳонии самбо дар шаҳри Остонаи Қазоқистон нишони биринҷӣ ба даст овcovered.**



Сорбон дар даври аввали мусобиқа намояндаи Украина Дмютро Йевдошенкоро бо ҳисоби 2:0 мағлуб карда, дар даври дуюм аз Сардор Олимҷонови ӯзбек шикаст хӯрда, ба даври тасаллобахш рафт. Дар даври тасаллобахш Сорбон бар Шахром Мехрабони афғон ва Уулу Кубанючи қирғиз дастболо гардида, дар мубориза барои нишони биринҷӣ Ниёзмурот Бабекови туркманро шикаст дод. Ҳамин тавр, ӯ аз дастаи мунтахаби Тоҷикистон аввалин медали Чемпионати ҷаҳонии самборо дар шаҳри Остона соҳиб шуд.

Дар рӯзи сеюми мусобиқот Шоҳрух Назаров дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар вазни 79 кг дар намуди «самбои нобиноён» нишони биринҷӣ ба даст овард.

Мусобиқаи мазкур аз 8 то 10-уми ноябр дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баргузор шуд. Дар ин мусобиқа Тоҷикистонро 9 варзишгар - Акмалиддин Каримов (58 кг), Сорбон Латипов (64 кг), Муҳаммадисо Раҷабов (71 кг), Деваштич Убайдӣ (79 кг), Зафар Олимшоев (88 кг) аз риштаи самбои варзишӣ ва Масъул Қуканшоев (58 кг), Худоёр Раҷабзода (71 кг), Холид Толибзода (88 кг), Саймуҳаммад Исматов (98 кг) аз самбои размӣ муаррифӣ карданд.

Дар Чемпионати ҷаҳонии самбо-2024 варзишгарон барои 31 маҷмуи медалҳо мубориза бурданд. Ғолибон ба ҷуз аз медалҳо ҷоизаҳои пулӣ низ гирифтанд. Фонди умумии ҷоизаҳои мусобиқа 311 000 доллари амрикоӣ буд.

ҶУДО

# НИШОНИ ТИЛЛОИ ПАҲЛАВОНДУХТАРИ ТОҶИКИСТОН АЗ HONG KONG ASIAN OPEN-2024

**Варзишгари 19-солаи тоҷик Виктория Киселёва дар мусобиқоти бузурги осиёии Hong Kong Asian Open-2024 нишони тилло ба даст овард. Ин аввалин нишони тилло дар таърихи ҷудои тоҷик дар ин сатҳ байни занон аст.**

Дар Ҷоми кушоди Осиё-2024 дар маҷмуъ 128 варзишгар аз 13 кишвар ширкат доштанд. Тоҷикистонро ду зани ҷудокор - Александра Кан (57 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг) намояндагӣ карданд.

Виктория дар роҳи ба даст овардани нишони тилло дар кувваозмоии аввал рақибаш аз Ҳиндустонро шикаст дод ва дар кувваозмоии дуюм ҳарифаш аз Чинро шикаст дод. Дар кувваозмоии ниҳоӣ вай бар варзишгари Куриё ғолиб омад.

Ин мусобиқа барои занони варзишгар дар роҳи дарёфти роҳхат ба Бозиҳои олимпӣ ва рейтинги ҷаҳонӣ марҳалаи муҳимест. Мусобиқа ба варзишгарон имкони хуб фароҳам овард, ки маҳорат ва таҷрибаи худро дар арсаи байналмилалӣ нишон диҳанд.




ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# МУБОРИЗА БАРОИ ЗИНАҲОИ ДУЮМУ СЕЮМ ИДОМА ДОРАД

**Дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон-2024 даври охирин, ҳарчанд баъзе аз бозиҳо мавқуф мондаанд, баргузор шуд.**

Дар ҳамин ҳол дастаи «Истиқлол» пеш аз мӯҳлат унвони чемпиониро соҳиб шуд, дастаи «Кӯктош» бошад, Лигаи олиро тарк кард. Маълум шуд, ки дастаи «Панҷшер» барои ба Лигаи олӣ баромадан бояд бо як дастаи Лигаи олӣ бозии гузариш баргузор кунад, аммо ин даста то ҳол маълум нест.

Дар даври 22-юм «Эсхата» бар «Панҷшер» бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуд. «Баркчӣ» дар майдони худ аз Клуби марказии варзиши артиш (КМВА) бо ҳисоби 0:2 мағлуб шуд. «Регар-ТадАЗ» дар Турсунзода «Истаравшан»-ро бо ҳисоби 2:0 ноком кард. «Ҳосилот» аз «Вахш» бо ҳисоби 1:2 шикаст хӯрд. «Хуҷанд» ба дарвозаи «Кӯктош» 6 голи беҷавоб зад.

Дар бозии мавқуфмондаи даври 18-ум «Вахш» бар «Истаравшан» бо ҳисоби 1:0 дастболо шуд. Дар бозии дигари мавқуфмонда аз даври 16-ум «Хуҷанд» дастаи «Баркчӣ»-ро мағлуб (2:0) кард. Бозии байни дастаҳои «Истиқлол» ва «Равшан» ба вақти дигар гузошта шуд.

Ҳамин тавр «Хуҷанд» дар зинаи дуюм ва КМВА дар зинаи сеюм ҳастанд, аммо мубориза барои ҷойи дуюму сеюм то ҳол идома дорад. «Рашан», ки 4 бозӣ камтар кардааст ва бо 34 имтиёз дар зинаи 6-ум аст, дар сурати ғалаба дар ҳамаи воҳӯриҳо метавонад ба зинаи 2-юм барояд. Ин ҳам дар ҳоле, ки «Хуҷанд» дар бозии мавқуфмондаи худ аз даври 19-ум, ки маҳз бо «Равшан» аст, мағлуб шавад.

Мавқеи дастаҳо баъд аз даври 22-юм:

| Ҷ | Дастаҳо | В | П | М | Б | Таносуби голҳо | | | И |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Истиқлол (Душанбе) | 17 | 16 | 0 | 1 | 50 | 7 | +43 | 48 |
| 2 | Хуҷанд (Хуҷанд) | 21 | 13 | 4 | 4 | 36 | 13 | +23 | 43 |
| 3 | КМВА (Душанбе) | 22 | 11 | 6 | 5 | 36 | 21 | +15 | 39 |
| 4 | Вахш (Бохтар) | 22 | 11 | 2 | 9 | 25 | 21 | +4 | 35 |
| 5 | Эсхата (Хуҷанд) | 21 | 10 | 5 | 6 | 34 | 31 | +3 | 35 |
| 6 | Равшан (Кӯлоб) | 18 | 9 | 7 | 2 | 26 | 12 | +14 | 34 |
| 7 | Регар-ТадАЗ (Турсунзода) | 18 | 9 | 3 | 6 | 20 | 13 | +7 | 30 |
| 8 | Ҳосилот (Фархор) | 21 | 5 | 8 | 8 | 24 | 23 | +1 | 23 |
| 9 | Баркчӣ (Ҳисор) | 20 | 5 | 4 | 11 | 20 | 37 | -17 | 19 |
| 10 | Истаравшан (Истаравшан) | 21 | 4 | 5 | 12 | 16 | 29 | -13 | 17 |

РЕЗААХБОР



Размикори тоҷик Нурулло Алиев рӯзи 11-уми январ дар мусобиқаи UFC Fight Night 249 дар Лас-Вегас ба мубориза бармегардад. Ҳарифи ӯ намояндаи кишвари Исроил Янал Ашмоз хоҳад буд. Дар бораи ташкили набард миёни "Уқоби тоҷик" ва "Рӯбоҳи сурх" дафтари матбуотии UFC хабар додааст.

***

Дар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни устодони варзиш ва паҳлавонони собиқ дар Лас-Вегаси ИМА Ҳабибулло Маҷидови 71-сола аз Тоҷикистон соҳиби нишони нуқра шуд. Дар финал Ҳабибулло Маҷидов аз Йос Веннекерси 75-солаи нидерландӣ шикаст хӯрд ва дуюм шуд. Дар ин мусобиқа аз Тоҷикистон бояд 14 паҳлавон ширкат мекарданд, аммо ба далели дастрас накардани визаи Амрико, танҳо Ҳабибулло Маҷидов (81 кг) ва Бозоралӣ Маҳмудов (90 кг) ширкат карданд.

***

Варзишгарони дастаи мунтахаби муҳорибаҳои омехтаи Тоҷикистон (TAJMMAF) дар Чемпионати ҷаҳон (ММА), ки 10-уми ноябр дар Тошканд ба анҷом расид, 14 медал ба даст оварданд. Тоҷикистон бо 6 медали тилло, 3 нуқра ва 5 биринҷӣ дар ҳисоби медалҳо дуюм шуд. Нишони тиллоро дар байни калонсолон Ёқубҷон Сафаров (56,7 кг), Масъуд Одинаев (74,8 кг), Қосим Сардоров (83,9 кг), инчунин байни ҷавонон Сайалӣ Камолов (52,2 кг), Баракатулло Асадуллоев (56,7 кг) ва Иброҳим Раҳимзода (70,3 кг) ба даст оварданд.

***

Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) барои анҷоми ду бозии дӯстона бо ҳамсолони худ аз Аморати Муттаҳидаи Араб ба Дубай рафт. Ба ин ҷамъомад 24 бозигар даъват шудаанд. Бозии санҷишии якуми дастаҳои олимпии Аморати Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон 15-уми ноябр баргузор мешавад. Баъди се рӯз, 18-уми ноябр, дастаҳо дар Дубай дар бозии дуюми дӯстона бо ҳам вомехӯранд.




## Ҷин

Майхорае аз дӯсташ мепурсад:

- Мурод, ту намедонӣ барои чӣ ҳама маро ҷин меноманд? Шояд барои он бошад, ки ман ҳама корро карда метавонам?!

Мурод дар ҷавоб мегӯяд:

- Не, гап сари он аст, ки ҳар кучое шишаи арақ кушода шавад, ту дарҳол пайдо мешавӣ.

## Шароб

Марде ба мағозаи шаробфурӯшӣ даромада, аз фурӯшанда мепурсад:

- Шумо тӯб доред?

Фурӯшанда мегӯяд:

- Не.

Мард боз мепурсад:

- Самокат чӣ?

Фурӯшанда мегӯяд:

- Бародар, ин ҷо мағозаи шароб аст!

Мард мегӯяд:

- Майлаш, як шиша май диҳед. Худо шоҳид аст, ман бо варзиш машғул шуданӣ будам.

## Сардхона

Марде ба беморхона занг задані шуда, ба рақаме занг равон мекунад. Садои форами занона мегӯяд:

- Гӯш мекунам.

Мард мепурсад:

- Ин ҷо қабулгоҳ аст?

Зан мегӯяд:

- Ин ҷо сардхона.

Мард саросема шуда:

- М-м-м, бахшиш, ба фикрам ҳоло барвақт аст ба шумо муроҷиат карданам...

Зан мегӯяд:

- Ҳеҷ гап не, мо интизор мешавем.

## Чандсола

Духтур:

- Чандсола хастед?

Бемор:

- Ба наздикӣ ба чил медароям.

Духтур:

- Намедароӣ.

## Қарз

Марде бо мақсади қарзгирӣ назди дӯсташ омада, суханро аз дур оғоз мекунад:

- Як замоне шудааст, ки марди асил ёфтан душвор аст. Дирӯз аз Давронидӯстамон 100 сомонӣ қарз пурсидам, вале бузи лаънатӣ пул надорам гуфт.

Дӯсташ мақсади мардро дарк намуда, мегӯяд:

- Гӯш кун, дарҳол туро огоҳ кардан мехоҳам, ки ман ҳам буз ҳастам.

## Дум

Омӯзгор аз талабаҳо мепурсад:

- Кӣ ба ман мегӯяд, ки чаро саг думашро меликонад?

Яке аз шогирдон:

- Чунки дум сагро ҷумбонида наметавонад!

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## Муросо

Мундонӣ бо рафиқи фарқаснагиаш* оид ба интихоботи пурҷӯшу хурӯши президенти Амрико суҳбат доштанд.

- Бобои Байден рафтанду бобои Доналд Трамп баргаштанд. Ку бинем, чӣ кор мекунанд?,- гуфт фарқаснагӣ.

- Бобои Байден сармоягузори ҷанг буданд, кош Бобои Тарамп сармоягузори сулҳ шаванду дар Украину Ғазза сулҳу оромӣ шавад,- гуфт Мундонӣ.

Фарқаснагӣ дар идомаи суҳбат пурсид:

- Як чизро нафаҳмидам, чаро солҳои охир фақат мӯйсафедҳои қариб 80-сола президенти Амрико мешаванд? Магар қадри ҷавонтар надорад ин кишвар?

- Чӣ бадӣ дорад? Ба ҳар наве, аз ҷавон мӯйсафед хубтар аст,-андешамандона посух дод Мундонӣ.- Дигар кишварҳоро ба муросо даъват мекунад.

Фарқаснагӣ бо писханд посух дод:

- О ин ду мӯйсафед дар ҷор сол қариб якдигарро меҳӯрданд. Онҳо байни ҳам муросо карда натавонистанду дигарҳоро чӣ хел ба муросо даъват мекунанд?

Мундонӣ чӣ посух доданашро надонист.

***Фарқасна - яке аз гузарҳои деҳа**

## Таъбири хоб

Бонуе аз Мундонии ҳамадону таъбиргӯ пурсид:

- Имшаб дар як тарафам халтаҳои пур аз пул, дар тарафи дигарам сандуқи пур аз тангаву тиллоро хоб дидам. Таъбир чӣ бошад?

- Дар як тарафи кӯчаат бонк кушода мешаваду дар тарафи дигар мағозаи ҷавоҳирот, ту дар миёни кӯча гаштугузор мекуниву бо ҳавас ба ду тараф нигоҳ карда мегардӣ,- посух дод Мундонӣ.

## Аз СПИРТ ба СПОРТ

Мундониро дар толори варзишӣ дида, бо тааҷҷуб пурсидам:

- Эхе, ҷанобашон ба варзиш шурӯъ карданд чӣ?

- Аз Спирт ба Спорт рӯ овардем,- гуфт бо табассум.

## Зани хушбахттарин

Бонуе аз зиндагияш ба Мундонӣ чунин таъриф кард:

- Ман зани хушбахтам. Ҳама кори хонаро ба ҷои ман мардак иҷро мекунад. Худаш хона мерӯбад, хӯрок мепазад, дегу табақ мешӯяд ва ҳатто чой дам мекунад.

- Зӯр ку, вале агар як вазифаи дигарро низ ба мардакат месупоридӣ, ҳама занҳои дунё дучанд ба ту ҳасад мебурданд,- гуфт Мундонӣ.

- Ин чӣ кор будааст?,- бо кунҷковӣ суол кард бону.

Мундонӣ гуфт:

- Таваллуди фарзанд...

## Якташа сахт гирифтам

- Чаро занатро сахт намегирӣ?,- пурсид Мундонӣ аз рафиқе ва таъкид кард:

- Ин қадар эрка накун, ки болои сарат мебарояд!

- Болои сар барояд хуб, зери хок наравад шуд,- гуфт дар посух он рафиқ.

- Ин чӣ харфе?,- пурсид Мундонӣ.

Рафиқ бо табассум гуфт:

- Якташа сахт гирифтам, мурд. Иншаро эрка кардам.

**Холиқназар Ҷумъазода**

## Сканворд

